ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД 17 (575.3)
ТКБ 87.7 (2 тоҷик)
З – 88

Ба ҳуқуқи дастнавис



ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУҲИБУЛЛО ҲАБИБУЛЛО

ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ ТАНЗИМИ АХЛОҚИИ МУНОСИБАТҲОИ СИЁСӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа
аз рӯйи ихтисоси **6.3.4.** Илми ахлоқ

Душанбе – 2026

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

Мушовири илмӣ: **Усмонзода Хайриддин Усмон** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, Узви вобастаи АМИТ

Муқарризони расмӣ: **Саидов Абдулманон Саторович** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино;
Содиқӣ Насиба Нуруллозода – доктори илмҳои фалсафа, профессор, директори Муассисаи давлатии Маркази таълимии занон «Сарвар»;
Хидирзода Махфират Умар – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҳимояи диссертатсия «17» 12 соли 2026, соати «14^{00}» дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-092 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, бинои № 11, толори Шурои олимони факултети Муносибатҳои байналмилалӣ) баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи милллии Тоҷикистон шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_____» _____ соли 2026 ирсол карда шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои фалсафа Ҳаитов Ф.Қ.

Муқаддима

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Ҳамбастагии ногусастанӣ доштани сиёсат бо ахлоқ аз мазмуну моҳияти иҷтимоии он бармеояд. Сиёсат чун маҷмуи майлонҳо дар байни субъектҳои фаъоли амали иҷтимоӣ, ногузир бар арзишҳо ва қоидаҳои муайяни рафтор асос ёфтааст ва барои таъмини суботи иҷтимоӣ на танҳо аз механизмҳои маъмурӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, боз аз арзишҳое, ки рафтори инсонро танзим мекунанд, ба таври васеъ истифода мебарад.

Аслан дар сурати нигаристан ба таърихи фалсафа баръало зуҳур мегардад, ки ахлоқ чун «илми амалӣ» номгузорӣ гаштааст ва онро дар навбати худ аз сиёсат ҷудо намудан мушкил мебошад. Барои ҳамин дар замонҳои таҳлил дар назар гирифтани наздикии онҳо ба маврид мебошад, чун дар ҳолатҳои мухталиф ба инобат гирифтани ин муносибат робитаи тарафайни онҳоро ба таври айнӣ баҳогузорӣ менамояд. Ин воқеият сиёсатро ба таркибе аз арзишҳо, қоидаҳо ва меъёрҳо табдил медиҳад, ки дар доираи он, муносибатҳои байни одамон ва ниҳодҳои иҷтимоӣ дар доираи қудрати сиёсӣ дар ҷомеа амалӣ мегардад. Ҳамчунин, маҳз дар ҳамин замина, имконияти дарку тафовут миёни амалу рафтори дурусту нодурусти одамон муяссар мешавад.

Ҳамин тавр, сиёсат дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ ҳамеша бо такя ба арзишҳои ахлоқӣ татбиқ гардида, шакл мегирад. Ин зуҳурот дар амали афроду ниҳодҳои иҷтимоӣ ва дар афроде, ки дар мақоми роҳбарӣ қарор доранд, ба назар мерасад. Бо шарофати ин таомул дар ҷомеа нисбат ба майли ба даст овардани қудрат ва ҳифзи он, миёни афрод як навъ риояи ҳуқуқу эҳтироми ҳамдигарӣ ҳатмӣ мегардад. Новобаста аз он ки дар ин маврид аз абзорҳои мухталифи сиёсӣ васеъ истифода мешавад, риояи меъёрҳои ахлоқӣ сарфи назар намегарданд. Ин воқеият илмҳои

иҷтимоиро уҳдадор месозад, ки ҷойгоҳи ахлоқ дар сиёсатро дар пайвасти ногусастании хусусиятҳои ташаккули муносибатҳои сиёсӣ дар сатҳи гуногун баррасӣ намоянд.

Ҳамин тавр, дар ҷаҳони муосир, сарфи назар аз равшан ифода наёфтани саъю кӯшишҳои дастаҷамъона барои расидан ба ҳадафҳо ва корбурдҳо, кӯшиши ҷомеаҳо ба дарки фаъолияти гуногунҷанбаи инсон аз нигоҳи меъёрҳои арзишмеҳварӣ ҷой дорад. Ин вазъият аз дигаргуниҳое, ки дар арсаи ҷаҳонӣ ба вуқуъ пайваста истодаанд вобастагӣ дошта, ҳадафи асосӣ дар он зуҳур мегардад, ки сатҳи ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ ва мавқеи давлатҳои ҷаҳонӣ дигаргун карда шуда, тартиботи нави муносибатҳои байналмилал бунёд гардад. Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, ҷанбаҳои манфии чунин саъю кӯшишро дарк намуда, имрӯз афкори иҷтимоию фалсафӣ маҷбур аст, ки меъёрҳои муносиби арзёбии маънавии фаъолият ва амалҳои мустақилонаи субъектҳои ҳаёти ҷамъиятиро тавассути ҷусторҳои таърихӣ ва фалсафӣ пешниҳод намояд.

Табиист, ки дар ин росто, маҳз сатҳи ахлоқии фаъолияти сиёсӣ аксар маврид дар мавқеъгириҳои илмӣ масъалаи баҳсу мубоҳисаҳо мегардад. Дар навбати худ, дар ҷавоб ба ин савол имрӯз муҳаққиқон ақидаҳои гуногун пешниҳод менамоянд, ки тобишҳо ва вижагиҳои мухталифи иҷтимой-фарҳангӣ доранд. Масалан, олим ва нависандаи фаронсавӣ Эрик Зиммур дар ҷавоб ба масъалаи болозикр, ба он ишора менамояд, ки имрӯз баҳамназдикшавии фарҳангҳои гуногун ва бархурди онҳо бар асоси арзишҳои мухталифи дар фаъолияти сиёсии онҳо нуҳуфта ба амал меояд: «... даврaҳои мухталиф ба ҳам наздик омада, бархурд менамоянд. Баъзеҳо ба замони хилофат ва империяҳо бармегарданд, баъзе дигар (Россия, Чин ва Туркия) дар низоми давлатҳои миллӣ маҳдуд мегарданд, намояндагони ҷомеаҳои ғарбӣ бошанд бар он

бованд, ки давраи истиқлоли миллӣ сипарӣ гардидааст» [110].

Мубрамияти ҷустуҷӯйи ҷавоб ба ин савол зарурияти ба назар гирифтани меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти сиёсии субъектҳои ҳаёти ҷамъиятӣ барои ҷомеаи Тоҷикистон низ аён аст, ки имрӯз яке аз марҳалаҳои муҳимми навсозиро аз сар мегузаронад. Дар раванди ин таҳаввулот, махсусан дар натиҷаи сар задани амалиётҳои ҷангӣ миёни давлатҳо, барҳамхурии низомҳои идораи давлатӣ аз ҳамлаҳои террористӣ ва ғайра, дар сохтори анъанавии ахлоқи тоҷикон чунин тағйирот сурат мегирад, ки дар он ҳамеша арзишҳои адолати иҷтимоӣ ва башардӯстӣ мақоми хос доштанд, вале ҳадафҳои нави фаъолияти иҷтимоӣ ва сиёсии субъектҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аксар маврид бо арзишҳои маънавии аксарият ба мушкилӣ дучор мешаванд. Сарфи назар аз дарки иҷтимоӣ-фалсафӣ ин зуҳурот метавонад дар таҳкими рукнҳои ҷомеа, таъмини суботи ҷамъиятӣ, сатҳи иҷтимоишавии ҷавонон, тафаккури гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва ғайра таъсири манфӣ расонад.

Аз ин рӯ, масъалаи таносуби ахлоқ ва сиёсат дар баҳсҳои илмӣ гуногунпаҳлу буда, дар ин баҳс усулҳои фаъолияти сиёсии ба талаботи замона мутобиқ, ироа мегарданд. Дар марҳалаи муосир мушоҳида мегардад, ки аҳдоф ва вазифаҳои баъзе гурӯҳҳои алоҳидаи ғайримуташаккил дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар хусусият ва шакли экстремистӣ ва динӣ-экстремистиро дар худ пайдо карда, ба низоми идоракунии дунявӣ ва сохтори ҷомеа таҳдид мекунанд. Посухи муносиби илмӣ ба талошҳои ин доираҳо, метавонад дар оянда садди роҳи ҷалби ҷонибдорон ва анҷоми амалҳои тахрибкорона ва муташаккилонаи онҳо гардад.

Масъалаҳои бунёдиро мавриди баҳс қарор дода, мо бар он ақидаем, ки ахлоқ ба ҳайси илми мустақили

фалсафӣ, асосҳои меъёрии фаъолияти сиёсиро ҳамеша маҳсули рушди хосси иҷтимоӣ муайян менамояд. Барои ҳамин, онҳо дар муайяннамоии чорчӯбаҳои пайдарҳамии меъёрҳои ахлоқии фаъолияти сиёсӣ вуҷуд доранд, ки ба марҳалаҳои гуногуни таърихӣ тааллуқ доранд.

Мутобиқи ин усул, мо кӯшиш намудем, ки таъсири меъёрҳои ахлоқиро ба ҳадафҳои фаъолияти сиёсии субъектҳои ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста ба гуногуншаклии фаъолияти онҳо нишон диҳем.

Ҳамзамон, бояд таъкид кард, ки ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаҳои гузошташуда ҳанӯз ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд. Пеш аз ҳама, таҳқиқоти илмӣ оид ба вижагиҳои зуҳури рафтори арзишии шахс дар саҳнаи ҳаёти сиёсии ҷомеа гузаронида нашудаанд, ки амалҳои иҷтимоии инсон дар шароити гузариш аз як низоми иҷтимоӣ ба низоми дигарро баррасӣ намоянд. Таҳқиқи маҳз ҳамин масъала дар маркази таваҷҷуҳи рисолаи мазкур қарор дода мешавад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Дар таърихи афкори иҷтимоию фалсафӣ масъалаи арзёбии фаъолияти сиёсӣ ҳамеша мавзуи баҳс ва баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамчун анъана, аз замони Афлотун ва Арасту маншаъ гирифта, ахлоқ ва сиёсат ҳамеша ҳамчун воҳиди том дар назар гирифта мешуданд, ки барои расидан ба адолати иҷтимоӣ ва манфиатҳои умумӣ равона гардида буданд [39; 38; 4; 5].

Идомаи ин анъанаро мо дар афкори мутафаккирони тоҷику форс дучор меоем, ки аксари онҳо зарурати эътиборгирии меъёрҳои ахлоқӣ дар рафтор ва фаъолияти сиёсиро таъкид менамуданд. Адами риояи муқаррароти ахлоқӣ дар рафтор ва фаъолияти сиёсиро мутафаккирони тоҷику форс ҳамчун сарчашмаи бесуботӣ ва ақибмонии ҷомеа медонистанд. Ин андеша дар осори мутафаккирони тоҷику форс мақоми хос дошт, зеро онҳо фасоди ахлоқии нухбагони сиёсиро ҳамчун омили ақибмондагии ҷомеаи

даврони хеш медонистанд [7].

Яъне ҷанбаи ахлоқӣ дар сиёсат ҳамеша диққати мутафаккирони гузашта ва муҳаққиқони муосири мактабҳои мухталифро ба худ ҷалб намудааст. Таҳлили таъсири самтгириҳои арзишӣ ва императивҳои ахлоқӣ имконият медиҳад, ки равандҳои мураккаб ва пурихтилофи иҷтимоӣ ба таври воқеӣ ва ҳамаҷониба дарк шаванд.

Хусусияти мавзуъ ва хусусияти байнисоҳавии он истифодаи таҳқиқоти соҳаҳои гуногуни илмҳои гуманитариро тақозо менамояд. Осори таърихӣ ҳамчун манбаи муҳимми далел баромад намуда, барои дарки зуҳуроти шароити иҷтимоиву фарҳангӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти амалии сиёсӣ мусоидат мекунанд. Таҳқиқотҳои комили таърихӣ имконият медиҳанд, ки омилҳо ва ангезаҳои устувори ахлоқӣ-ҳуқуқии татбиқи самти муайяни сиёсӣ муайян карда шаванд.

Ҷойгоҳи назаррасро дар таҳқиқоти диссертатсионӣ адабиёти сиёсӣ (политологӣ) ишғол мекунанд, ки як қатор масъалаҳои назариявии ахлоқро фаро мегиранд. Ин масъалаҳо ба шакли амалисозии ҳокимият, муносибати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба он, ҳадафҳо ва натиҷаҳои равандҳои навсозӣ дар ҷомеа ва ғайра марбут мебошанд. Зеро татбиқи хусусияти оммавии сиёсат, ки ба шуури ахлоқии иштирокчиёни раванд такя мекунад, истифодаи арзёбиҳои ахлоқиро нисбат ба амалҳои мушаххас талаб менамояд. Бо ҳамин, ахлоқи сиёсӣ ба ҷустуҷӯйи созиш (консенсус) ва мувозинати манфиатҳо мусоидат мекунад [81; 84; 102].

Хусусияти амалӣ (таҷрибавӣ)-и нигоҳи сиёсатшиносӣ ба ахлоқ дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккули равишҳои утилитарӣ (манфиатгароёна) ва арзиширо ба вуҷуд овардааст. Дар пояи онҳо усули гегелии ҷудо намудани ахлоқ ва ахлоқият ҳамчун роҳи ҷустуҷӯйи мувозинат байни ҳадафҳо ва воситаҳои сиёсӣ қарор дорад.

Аз ин рӯ, ҷонибдорони равиши утилитарӣ (И.А. Ерохова, С.Коэн, В.С. Мартянов, Л.В. Сморгунов, Л.Нелсон, И.Кузетс, Н.Решер, А.Стин ва дигарон) зимни муайян намудани меъёрҳои ахлоқии воситаҳои истифодашавандаи шахс бештар ба дарёфти чунин расмиёт ва механизмҳо майл доранд, ки бо вазифаҳои рушди ҷомеа, захираҳои мавҷуда, инчунин, бо дараҷаи таъсири унсурҳои маъмурӣ ба қарорҳои қабулшаванда алоқаманд мебошанд [86; 95; 99; 42; 66; 71; 77].

Ҳамзамон, равиши арзишӣ бештар ба интиқоди ахлоқии ҳокимият нигаронида шудааст ва ин имкон медиҳад, ки оид ба назари муаллифони ин самт (А.П. Бутенко, А.Б. Венгеров, Н.Б. Илйина, Р.У. Семёнова, А.С. Тсипко, Ф.Каннингхем, С.Коткин, К.Шмитт, К.Смит ва дигарон) баҳри ислоҳи рушди муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ бо назардошти омили ахлоқӣ-маънавӣ дар фаъолияти ҳокимият баҳс намоем [8; 82; 90; 108; 51; 55; 62; 74; 76].

Илова бар ин, метавон гурӯҳи алоҳидаи таҳқиқотҳои сиёсиро ҷудо намуд, ки дар маркази онҳо масъалаи муносибатҳо байни ҷомеа ва ҳокимият, нухбагон ва омма қарор дорад. Ин муносибатҳо механизмҳои ҳокимиятдорӣ, хусусияти муносибатҳои иҷтимоиро муайян месозанд. Онҳо арзишҳои ҳамбастагӣ, ҳамгироӣ, анъанавӣ ва ғайраро чун мазмуни меъёрҳо ва дастурҳои ахлоқӣ шакл медиҳанд, дар ҳоле ки ниҳодҳои иҷтимоӣ ба тағйирёбии ҳам муносибатҳои дохили ҷомеа ва ҳам тамоми низоми меъёрӣ-арзишии сохторҳои ҳокимият таъсир мерасонанд (Т.А. Алексеева, М.Р. Зезина, Н.М. Плискевич, С.Картер, Т.Густафсон, С.Фиш, Ҷ.Харрис, К.Ряветс, Р.Саква, М.Урбан ва дигарон) [1; 88; 103; 54; 59; 56; 60; 72; 73; 79].

Дар афкори иҷтимоӣ-сиёсии Ғарб дарки масъалаи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар осори Н.Макиавелли, Т.Гоббс, Ш.Монтескйе, Ж.-Ж. Руссо, И.Кант, Э.Дюркгейм, М.Вебер ва дигарон баррасӣ

гардидааст [29; 13; 22; 9; 49]. Масоиле, ки онҳо ба миён гузоштаанд, дар адабиёти муосири фалсафӣ ба ташаккули равишҳои гуногун дар ҳалли мушкилоти ахлоқӣ дар сиёсат мусоидат менамоянд.

Яке аз муҳаққиқони маъруфи масъалаи самтгирии арзишии шуури ҷамъиятии замони муосир Роналд Инглхарт ба шумор меравад. Ӯ таҳқиқотҳояшро аз соли 1970 оғоз карда, маводди дар давоми 30 сол интишорёфтааш нишон дод, ки ҷаҳон ба сӯйи дигаргуниҳои густурда пеш меравад. Натиҷаи пурсишҳои дар 97 кишвари дунё гузарондааш нишон доданд, ки бисёре аз давлатҳо собитқадамона аз иҳотаи арзишҳои мутааллиқ ба ангезаи «зинда мондан» (дастрасӣ ба озуқа, амниятҷуйӣ, эҳсоси хатар) ба сӯйи арзишҳои хосси ҷомеаи саноатӣ, ки хусусияти дунявӣ надоранд, пеш мераванд [20].

Дар байни муҳаққиқони муосири рус, масъалаи мазкур дар таҳқиқоти А.А. Гусейнов, А.А. Журавлева, О.А. Жукова, И.И. Кравченко ва дигарон бештар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст [85; 92; 94; 111].

Дар муайян намудани равиши аксиологӣ дар доираи таҳқиқоти мазкур таҳқиқоти вобаста ба масъалаҳои заминаҳои арзишии муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ нақши калон мебозанд. Г.П. Вижлетсов, В.Н. Назаров, П.Е. Матвеев, А.И. Титаренко, М.Н. Данилкова ва дигарон мушкилоти арзишӣ дар ҳаёти ҷомеа, вижагиҳои интихоби шахсӣ, силсилаи дастурҳои ахлоқӣ ва ғайраро таҳлил намудаанд, ки ин имкон медиҳад, то нақши омили ахлоқӣ дар соҳаи сиёсӣ тавсиф гардад [11; 37; 32; 45; 120].

Таҳлили фалсафии меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷойгоҳи муҳим доранд, зеро рафтори шахс ҳамеша таҳти таъсири талаботи ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ қарор мегирад. Ҷузъи арзишии ахлоқ ва ҳуқуқ ба таври мустақим роҳҳои татбиқи самти сиёсӣ ё дараҷаи дастгирии онро муайян менамояд. Аз ин рӯ, В.С. Соловёв ҳуқуқро ҳамчун зарурати иҷборӣ барои

татбиқи «хайри ҳадди ақалл» баррасӣ намудааст. Таҳлили фалсафии ҳамкории ахлоқ ва ҳуқуқ дар адабиёт ба таври кофӣ инъикос ёфтааст, ки дар он чунин мутафаккирони барҷаста, монанди В.С. Соловёв, А.С. Яшенко, Н.М. Коркунов ва дигарон саҳми бузург гузоштаанд [43; 27].

Дар корҳои зикршудаи муаллифони рус бархурдҳои гуногун ба дарки таносуби сиёсат ва ахлоқ, ахлоқи сиёсӣ ва инфиродӣ, аҳаммияти калони ахлоқ дар фаъолияти сиёсӣ инъикос ёфтааст.

Бинобар он ки дар ин таҳқиқот ба мубрамияти баҳодиҳии нави таносуби ахлоқ ва сиёсат дар даврои таҳаввул ва навсозии ҳаёти ҷамъиятӣ таваҷҷуҳ шудааст, пас, дар ин асос имконияти нави баррасии таносуби сиёсат ва ахлоқ, вижагӣ ва аҳаммияти амалии онҳо дар кишварҳои ин равандҳоро сипаринамуда, аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меояд.

Масъалаҳои дарки таносуби сиёсат ва ахлоқ, шаклҳои танзими маънавии фаъолияти сиёсӣ, таъсири мутақобилаи ахлоқи сиёсӣ ва инфиродӣ дар таҳқиқоти олимони ватанӣ С.Н. Наврӯзов, А.Х. Самиев, Х.У. Идиев, М.А. Назар ва дигарон баррасӣ гардидаанд [35; 41; 19; 18; 36].

Дар таҳқиқоти охири сиёсатшиносони ватанӣ Маҳмадов А.Н., Зокиров Г.Н., Хидирзода М.У. баъзе ҷанбаҳои масъалаи таносуби сиёсат ва ахлоқ дар заминаи таҳлили меъёрҳои ахлоқӣ ҳамчун унсурҳои фарҳанги сиёсӣ баррасӣ гардидаанд.

Аҳаммияти хосси дастовардҳои илмӣ дар соҳаи дарки иҷтимоӣ-фалсафии таносуби сиёсат ва ахлоқ, ахлоқи сиёсӣ ва инфиродӣ, аҳаммияти хосси ахлоқ дар фаъолияти сиёсиро таъкид намуда, ҳамзамон бояд дар назар дошт, ки як қатор ҷанбаҳои ин масъала, вобаста ба даврои таҳаввули ҳаёти ҷамъиятӣ, ба раванди таҳқиқ ворид гардиданд.

Илова бар ин, корҳои илмие вуҷуд доранд, ки

ҷанбаҳои ахлоқии этикаи умумӣ ва сиёсиро баррасӣ мекунанд. Онҳо ба ҷустуҷӯйи равишҳои консептуалӣ дар муайян намудани ҷойгоҳ ва нақши меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқӣ равона гардидаанд. Аз ин лиҳоз, осори Р.Г. Апресян, А.А. Гусейнов, Е.Л. Дубко, Б.Г. Капустин, П.Козловски, Л.В. Максимов, А.В. Прокофйев, А.В. Разин, Б.Сутора, Ю.М. Фёдоров, И.Шапиро ва дигарон аҳаммияти хос доранд [2; 15; 16; 25; 26; 98; 104; 105; 109; 46; 52].

Муаллифони зикршуда талош намуданд, то нақш, таъсири меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқиро ба сиёсати давлатӣ ва дарки онро аз ҷониби ҷомеа ошкор намуда, хусусиятҳои омезиши шуури ахлоқӣ ва сиёсиро ҳамчун шакли ҳамгироии ҳадафҳои сиёсӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ, манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ муайян созанд. Ин муҳаққиқон сиёсатро чун фаъолияти ҷамъиятӣ баррасӣ мекунанд, ки ҳалли як қатор вазифа ва мушкилоти муҳимми иҷтимоиро талаб менамояд. Масалан, А.А. Гусейнов таъкид мекунад, ки дар сиёсати муосир амалан талошҳои муштараку дастаҷамъӣ, ки баҳри хидмат ба манфиати умумӣ асос ёфта бошанд, қариб вуҷуд надоранд [15, с.191].

Намояндагони ин равияи самти илмӣ ба робитаи ногусастанӣ байни ахлоқи сиёсӣ ва ахлоқи шахсӣ ишора намуда, талаботи муайянро нисбат ба пайравӣ аз самтгириҳои арзишӣ ва интихоби ахлоқӣ ба миён мегузоранд. Онҳо «мантиқи камтар бад», имкони масъулияти ахлоқиро барои амалҳои анҷомшуда, инчунин ташаккули мушкилоти мушаххаси интихоби ахлоқиро асоснок менамоянд. Аз ин рӯ, равиши меъёрӣ (нормативӣ) бартарӣ дорад ва имкон медиҳад, то пояҳои арзишии иҷрои талаботи ахлоқию арзёбии падидаҳои сиёсӣ муайян карда шаванд.

Дар натиҷа, ахлоқ нақши «миёнрав»-ро дар муносибатҳои байни ҷомеа ва ҳокимият ба ҳайси як навъ

идеал, намунаи рафтори иҷозатпазир ё ғайриқобили қабул ба хотири манфиати умумӣ ба зимма мегирад. Ба андешаи Б.Г. Капустин, ин амал тавассути ҳаракатҳои оммавии дастаҷамъона, бидуни кафолати дурусти қарорҳо, зуҳур мекунад [24, с.349-358].

Илова бар ин, ба масъалаҳои зикршуда дар адабиёти хориҷӣ низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад, ки дар ин замина осори П.Блэклеҷ, Ҷ.Кейн, Ҷ.Рейчелс, М.Слоут ва дигарон, инчунин як идда таҳқиқоти диссертатсионии Е.Ю. Вавилова, Л.Д. Минкинена, И.В. Соловей, Г.С. Фёдоров ва дигаронро метавон номбар намуд [53; 61; 68; 75; 118; 125; 128; 129].

Гурӯҳи дигари адабиёти ахлоқу фалсафӣ ба таҳлил ва мутобиқсозии равишҳои макиавеллистӣ ва кантчигӣ нисбат ба арзишҳои ахлоқи сиёсӣ бахшида шудаанд. Муаллифони фазои мушкилоти ахлоқиро таҳқиқкунанда, ба муаммои «ҳадаф ва воситаҳо» дучор меоянд, ки он тавассути мақсадгузории оқилонаи арзишҳо ҳал мешавад. Ба ин гурӯҳи таҳқиқотҳо осори Х.Арендт, Г.Г. Водолазов, Г.П. Гребенник, Б.Г. Капустин, И.И. Кравченко, Ю.Хабермас, Ҷ.Маркс, Р.Рейнҳолд, М.Окшотт, Ҷ.Танненбаум ва дигарон мансуб мешаванд [3; 10; 14; 24; 96; 48; 64; 70; 67; 78].

Таваҷҷуҳи хос ба як қатор масъалаҳои мавриди таҳқиқ дар корҳои диссертатсионии А.Б. Веригин, А.И. Коломак, А.В. Коновалов, Ю.В. Назарова ва дигарон мушоҳида мешавад [119; 122; 123; 126]. Барои намояндагони ин самт маҳдуд сохтани сиёсат бо арзишҳои ахлоқӣ, ё озод намудани сиёсат аз маҳдудиятҳои ахлоқӣ, инчунин интихоби афзалият байни уҳдадориҳои сиёсӣ ё қарзи ахлоқӣ масъалаи асосӣ маҳсуб меёбад. Ҳамаи муаллифон ғайриимкон будани равиши берун аз ахлоқ нисбат ба сиёсатро таъкид менамоянд. Танҳо макиавеллистҳо ба усули утилитарӣ-прагматикӣ дар ҳалли зиддиятҳо афзалият медиҳанд, дар ҳоле ки кантчиён зарурати ба

инобат гирифтани самтгириҳои инсондӯстона ва талаботи ахлоқӣ дар мазмуну натиҷаи фаъолияти амалиро исрор мекунанд. Аз ин рӯ, робитаи ахлоқ ва сиёсат ба таври мубоҳисавӣ (дискурсивӣ) аз тариқи муайян намудани табиати ахлоқии сиёсат ё табиати сиёсии ахлоқ баррасӣ мегардад.

Ҷойгоҳи назаррасро дар таҳқиқоти ахлоқию фалсафӣ осори равишҳои этатистӣ ва либералӣ ишғол мекунанд. Онҳо ба мушкилот ва арзишҳои демократия ва ниҳодҳои он, кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, муносибати «озодӣ – детерминизм (сабабият)» таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, ки зарурати асосҳои ақлонии фаъолияти иҷтимоиро ба вуҷуд меоранд. Ба ин равиш осори В.А. Бачинин, С.Н. Гавров, У.Кимлика, Б.В. Марков, С.П. Шавелёв, В.Л. Римский, В.Г. Федотова, Э.Гидденс, М.Мендрас ва дигарон дохил мешаванд [6; 12; 93; 30; 106; 47; 58; 65].

Муаллифони зикршуда масъалаҳои муошират арзишии инсон ва давлат, тамсилаҳои ҳамгироии ҷомеа, роҳҳои навсозии иҷтимоӣ ва нақши анъанаҳоро баррасӣ менамоянд. Дар ин замина ҷараёни озодгарой фаъолият ва таъсири назаррас нишон медиҳад. Намояндагони он ба ҷанбаҳои ақлонии муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ ва истифодаи амалии арзишҳои гуногун дар фазои сиёсӣ майл менамоянд. Махсусан, ин раванд, дар муроҷиат ба дастурҳои динӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва усулҳои демократӣ ҳамчун маҳдудиятҳои арзишии бунёдӣ барои шахс дар амалияи ҳаррӯзаи ӯ зоҳир мегардад.

Нақши муҳимро ҳамчунин адабиёт оид ба ахлоқу фалсафа мебозад, ки ба таҳқиқоти ҷанбаҳои гуногуни арзишии фазои ахлоқии ҷомеа бахшида шудааст. Таҳқиқоти ин самт дар осори А.А. Зиновйев, Г.Ю. Канарш, В.С. Мартянов, Л.Г. Фишман, М.В. Сахарова, М. Сэндел, О.Хёффе ва дигарон муаррифӣ мегардад [17; 21; 31; 107; 44; 50].

Дар ин асарҳо зуҳур ва нақши арзишҳои бунёдӣ дар равандҳои иҷтимоию сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Вобаста ба доираи масъалаҳои баррасишаванда, муаллифон ба таҳлили хусусият, имкониятҳо ва шаклҳои амалӣ намудани арзишҳо, чун адолат, баробарӣ, таҳаммулпазирӣ, қарз (масъулият), некӯаҳволии умумӣ ва ғайра аҳаммияти хосса медиҳанд. Бо вуҷуди ин, тафовут дар равишҳо нисбат ба татбиқи афзалиятҳои арзишии самти методологӣ ва идеологии муҳаққиқон, инчунин хусусияти тафсири онҳо дар бораи зуҳури меъёрҳои ахлоқ дар фаъолияти амалӣ муайян карда мешавад. Маҳз ба ҳамин сабаб, ин масъалаҳо то ҳол дар маркази баҳсҳои илмии мутафаккирони муосир боқӣ мемонанд.

Гурӯҳи дигари таҳқиқоти масоили ахлоқию фалсафиро таҳқиқотҳое ташкил медиҳанд, ки дар маркази таваҷҷуҳи онҳо мушкилоти ахлоқи абзоргароёна (инструменталистӣ) ва консуматорӣ қарор дорад. Ин равиш бо осори Т.П. Волкова, Б.И. Зеленко, Х.Йонас, Г.И. Мусихин, В.И. Бакштановский, Ю.В. Согомонов, Ҷ.Роулз, К.Б. Сафонов, В.Е. Черникова ва дигарон муаррифӣ мегардад [83; 89].

Татбиқи арзишҳои ахлоқие, ки дар назари аввал чун масъалаҳои абстрактӣ дарк мегарданд, муносибати муҳаққиқонро нисбат ба муҳимтарин ҷанбаҳои демократия, раванди навсозӣ ва баробарии имкониятҳо дар ҷомеаи муосир муайян месозад. Зеро, то имрӯз масъалаи таносуби самтгириҳои арзишӣ ва фаъолияти амалӣ, ки бо татбиқи онҳо алоқаманд аст, баҳсталаб боқӣ мемонад. Зарурати таҳияи назариявии ин мушкилот бо дарки арзишии ҷомеа нисбат ба фарҳангҳо, идеологияҳо, анъанаҳо ва стратегияҳои гуногуни навсозӣ вобаста мебошад.

Бо вуҷуди дастовардҳои назарраси тафаккури ахлоқӣ дар ин самти илмӣ, ҳамоно як қатор ҷанбаҳое мавҷуданд, ки ба таҳқиқи минбаъда ниёз доранд. Ин ҳолат вазифаи

таҳқиқи масоили мувозинати байни арзиши ахлоқӣ ва сиёсатро дар раванди рушди иҷтимоии Тоҷикистон ба миён мегузорад. Маҳз ҳамин шароит то андозае интихоби мавзуъ, объект, предмет ва ҳадафҳои таҳқиқоти диссертатсиониро муайян месозад.

Дар робита ба ин, дарки масъалаи асосҳои меъёрии фаъолияти сиёсӣ ҳамчун натиҷаи марҳалаи хосси рушди иҷтимоӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Ин имкон медиҳад, ки дараҷаи таъсири меъёрҳои ахлоқӣ ба ҳадафҳои сиёсии фаъолияти субъектҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бар асоси гуногуншаклии амалияи онҳо муайян карда шаванд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ. Рисолаи диссертатсионии мазкур аз рӯйи мазмуну муҳтавои худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, таҳти № 503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, таҳти № 114 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мувофиқат менамояд. Инчунин рисолаи диссертатсионии мазкур дар заминаи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти унвони «Ташаккули сифати нав дар инкишофи ҷомеа ва инсон» (барои солҳои 2021-2025), ки аз ҳисоби буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад, анҷом дода шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Тавсифи умумии таҳқиқот ҷиҳатҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ оид ба масъалаи хусусиятҳои ташаккули танзими ахлоқии муносибатҳои сиёсиро дар замони

муосир фаро мегирад. Дар бахши мазкури рисолаи диссертатсионӣ мақсади таҳқиқот, вазифаҳои он, объект ва предмет (мавзуъ)-и таҳқиқот, марҳала, макон ва даврои таҳқиқот мушаххас карда мешаванд. Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ ва пойгоҳи таҳқиқот муаррифӣ гардида, навгониҳои илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот ва мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ асоснок карда мешаванд. Дар охири ин бахш, саҳми бевоситаи довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, раванди тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтори таҳқиқот ва ҳаҷми диссертатсия инъикос ёфтаанд.

Мақсади таҳқиқот муайян ва асоснок намудани ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар амалияи сиёсӣ вобаста ба шароити муайяни рушди таърихии ҷомеаҳо мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба ҳадафи муайяншуда иҷрои вазифаҳои зерин зарур дониста мешавад:

- таҳлил ва ошкор намудани робита ва таъсири мутақобилаи фаъолиятҳои сиёсӣ ва арзишҳои ахлоқӣ дар таълимотҳои иҷтимоии классикӣ;

- таҳқиқ ва баррасии масъалаи меросият ва тағйирёбии масъалаи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар афкори муосири фалсафӣ-иҷтимоӣ;

- шарҳу тавзеҳи ахлоқ ҳамчун воситаи танзими фаъолияти сиёсӣ дар пояи таҳлили афкори муосири фалсафӣ;

- собит намудани ҷойгоҳи ахлоқи сиёсӣ дар афкори мутафаккирони форсу тоҷик ва таҳқиқи он дар замони истиқлолият;

- ошкор намудани амалияи танзими ахлоқии

фаъолияти сиёсӣ дар таҷрибаи таърихии сиёсии тоҷикон;

- муайян намудани ҷойгоҳи ниҳодҳои иҷтимоӣ дар танзими ахлоқии фаъолияти сиёсии ҷомеаи миллӣ;

- ошкорсозии эҳтиром ба адолати иҷтимоӣ ва шарафи инсонӣ ҳамчун натиҷаи афзалиятдиҳии арзишҳои ахлоқӣ дар сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян кардани афзалиятҳои арзишии нухбагони сиёсии муосир ҳамчун омили ҳамгироии ҷомеа;

- таҳлили вижагиҳои зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар шуури ҷамъиятии замони муосир;

- шарҳу тавзеҳи робитаи байниякдигарии арзишҳои ахлоқию сиёсӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои ҷомеаи миллӣ;

- баррасӣ ва ошкор кардани хусусиятҳои зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон;

- арзёбии нақши ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар ҳифзи анъанаҳои миллӣ ҳамчун омили муҳимми ташаккули асосҳои ахлоқии ҳаёти сиёсии ҷомеа;

- дар асоси истифодаи усули таҳлили муқоисавӣ таҳқиқ намудани хусусиятҳои таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ташаккули ҷанбаҳои ахлоқии ҳаёти сиёсии ҷомеа;

- таҳлил намудани ҷиҳатҳои зарурии нуктаи назари ҳизбҳои сиёсии муосир ва ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар мафкураи онҳо;

- ошкор намудани вижагиҳои мавқеъгирии кишварҳо доир ба баҳодиҳии ахлоқии амалҳои сиёсии байниҳамдигарӣ дар замони муосир;

- таҳқиқи меъёрҳо ва равишҳои густариши шуури ахлоқии ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва таъсири он ба ҳаёти сиёсии ҷомеа.

Объекти таҳқиқотро хусусиятҳои танзими ахлоқии муносибатҳои сиёсӣ дар замони муосир ташкил медиҳад.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот зуҳури хусусиятҳои

ташаккули танзими ахлоқии фаъолияти сиёсии умумиятҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеаҳои рушдёбанда мебошад.

Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот). Рисолаи диссертатсионӣ дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тӯли солҳои 2021-2025 мувофиқ ба самти умумии корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедра дар мавзуи «Ташаккули сифати нав дар инкишофи ҷомеа ва инсон» коркард ва ҷамъбаст шудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро ҷанбаҳои консептуалии пажуҳишҳои дар ин самт анҷомдодашуда аз ҷониби олимони барҷастаи замонҳои гузашта ва имрӯза, инчунин дидгоҳу амалияҳои сиёсатмадорони сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Ҳангоми таҳияи рисола бештар аз методҳои илмҳои фалсафӣ, аз ҷумла таҳлил, синтез, таърихият, системанокӣ, муқоисавӣ, тарҳрезии сиёсӣ ва ғайра истифода шудааст.

Заминаҳои эмпирикӣ. Заминаи эмпирикии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ, махсусан олимони ҷаҳони ғарбӣ, муҳаққиқони рус, фазои пасошӯравӣ, муҳаққиқони тоҷик ва натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо, ки дар нашрияҳои мухталиф дар шакли китобу монографияҳо, васоити таълимию мақолаҳои илмӣ нашр гаштаанд, ташкил медиҳад.

Пойгоҳи таҳқиқот. Рисолаи диссертатсионӣ дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Муаллифи диссертатсия барои анҷоми таҳқиқот аз тамоми имкониятҳои моддӣ-техникии Китобхонаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба номи И.Гандӣ, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода кардааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот аз мақсад ва вазифаҳои пешгузошташудаи рисолаи диссертатсионӣ бармеоянд, ки ҷиҳатҳои зеринро фаро мегиранд:

- таҳлили муқоисавии равишҳо ва тафсирҳои гуногуни фалсафӣ, консептуалӣ ва методологӣ, дар ҳалли мушкилоти таъсири мутақобилаи байни арзишҳои ахлоқии нисбатан мустақил ва сиёсат дар таълимотҳои иҷтимоии классикӣ мушаххасан омӯхта шуд;

- муайян карда шуд, ки дар баҳсҳои фалсафаи ахлоқ нисбат ба ҷойгоҳи ахлоқ дар ҳаёти сиёсӣ дар ду дидгоҳи аз ҳам фарқкунанда ташаккул ёфтааст. Дидгоҳи аввал ҷойгоҳи меъёрҳо ва дастурҳои ахлоқиро дар ҳаёти сиёсии ҷомеаҳо муайянкунанда медонад. Равиши дуюм аз он бар меояд, ки меъёрҳои сиёсӣ бояд ҳамчун падидаи мустақил ва бегона нисбат ба меъёрҳои ахлоқӣ фаҳмида шаванд;

- исбот гардид, ки арзишҳои ахлоқӣ фазои созандаи наздик сохтани ҳадафҳои фаъолияти сиёсии субъектҳои гуногунро муҳайё сохта, ғояҳои ягонаи амалро барои онҳо ташаккул медиҳанд;

- аз таҳқиқоти анҷомёфта мушаххас гардид, ки масъалаи тарғибу ташвиқи фазилатҳои ахлоқӣ дар рафтори сиёсии аҳли ҷомеа, бахусус сарварони сиёсии замон дар мероси мутафаккирони мо ҷойгоҳи махсусро ишғол намуда, ҳамзамон дидгоҳҳои мухталиф доир ба ин масъала вуҷуд доштааст;

- таъкид мегардад, ки танзими ахлоқӣ дар муносибат ба фаъолияти сиёсӣ аз дарки он бармеояд, ки ин шакли фаъолият, ба монанди шаклҳои дигари он, мавҷудият ва аҳаммияти худро мутобиқ ба арзишҳо ва меъёрҳои дар ҳар ҷомеаи мушаххас мавриди қабулбуда, пайдо менамояд. Танзими мақсадноки фаъолияти сиёсӣ, дар баробари арзишҳои сиёсӣ, бар мабнои меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба амал меояд;

- муайян шудааст, ки дар заминаи таъсири беэътиноӣ

ба арзишҳои ахлоқӣ ва афзоиши сатҳи қонуншиканиҳо робитаи наздик миёни шароити номусоиди зиндагӣ ва муҳити оилавии ҷавонон бо осебҳои рафторӣ ба вуҷуд омадааст. Дар паси аксари беэътиноии ҷавонон ба арзишҳои ахлоқӣ оилаи носолим ва таназзулёфта пинҳон аст. Аз ин рӯ, дар танзими ахлоқии фаъолияти сиёсии ҷомеаи миллӣ нақши оила, муҳити таълим, бахусус, мактаб ба таври хос таъкид карда мешавад;

- зарурати нигоҳ доштани робитаи принсипҳои ахлоқӣ дар сиёсат, ки ба нигоҳ доштан ва эҳтиром гузоштан ба адолати иҷтимоӣ ва шарафи инсонӣ алоқаманд мебошанд, асоснок карда шудааст;

- таъкид мегардад, ки мазмуну мундариҷаи арзишҳои сиёсие, ки ходимони (нухбагони) ҷамъиятию сиёсӣ аз онҳо пайравӣ мекунанд барои пешбинии рушди минбаъдаи ҷомеа ва ҷонибдории мардум аз ин ҳадафҳо имконият фароҳам меорад;

- тасдиқ гардидааст, ки ҷойгоҳи ахлоқ дар давраҳои гуногуни ташаккули ҷомеаи имрӯза имконият медиҳад, то пояҳои асосии иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки муносибатҳои ахлоқӣ ва хусусиятҳои махсуси муносибатҳои иҷтимоиро муайян мекунанд, собит карда шаванд. Принсипҳои ахлоқӣ роҳнамо барои фаъолияти сиёсӣ, имконияти на танҳо ба даст овардани уҳдадориҳои мутақобила байни сиёсатмадорон ва шаҳрвандон, балки ҳимояи эътибори ҳукумат, самаранокии идоракунӣ ва устувории рушди иҷтимоиро низ таъмин мекунанд;

- муайян гардидааст, ки ҳамбастагии арзишҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ ба равандҳои ҷомеаи муосир ҳамчун воситаи танзими фаъолияти инсонҳо мақоми хос доранд. Меъёрҳои ахлоқӣ ба фаъолияти сиёсии инсонҳо маънии ахлоқӣ бахшида, онро саъю кӯшиш барои расидан ба адолати иҷтимоӣ тавсиф менамоянд;

- нишон дода шудааст, ки зуҳури меъёрҳо ва арзишҳои

ахлоқӣ дар давраҳои буҳронӣ муҳим мебошанд, чун бо вайрон шудани мувозинати мавҷудияти ҷомеа, ки дар натиҷаи буҳронҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст, танзими ахлоқии ҷомеа ва дастгирии ҳукуматро халалдор мекунанд. Чунин ҳолат хосси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози солҳои 90-уми асри XX буд;

- асоснок карда шудааст, ки сатҳи фарҳанги афрод ҳамчун риояи анъана маънидод мешавад, вале қобилияти одамон барои пос доштани талаботҳо ва унсурҳои ахлоқии расму одат ва анъанаҳо дар таъмини суботи низоми иҷтимоӣ ва ташаккули асосҳои ахлоқии ҳаёти сиёсии ҷомеа нақши муҳим мебозад;

- исбот шудааст, ки равандҳои алоқаманд ба таъсири падидаҳои ҷаҳонишавӣ ба арзишҳои сиёсии ҷомеа талаб мекунад, ки ҳукуматҳои миллӣ байни ҳамгироии глобалӣ, ҳифзи адолати иҷтимоӣ ва истиқлолияти миллӣ тавозун нигоҳ доранд. Қайд карда мешавад, ки ҷаҳонишавӣ барои идоракунии миллӣ ва рушд ҳам имкониятҳо ва ҳам мушкилотро ба бор меорад. Танҳо бо қабули сиёсатҳои ҳамаҷониба идоракуниро тақвият бахшида, ҳувияти фарҳангиро ҳифз намудан имконпазир аст;

- муқаррар гаштааст, ки фаъолияти сиёсии бо усулҳои ақлонӣ ташаккулёфта ва идорашаванда одатан дар фаъолияти ҳизбҳо мушоҳида мешавад. Бинобар ин ҳизбҳои сиёсӣ пайваста кӯшиш менамоянд, ки усул ва меъёрҳои дар ҷомеа роиҷро мақсаднок дар самти боло бурдани нақши арзишҳои ахлоқӣ дар фаъолиятҳои ҳизбӣ истифода баранд;

- ошкор карда шудааст, ки равандҳои зиддиятноку пурталотум тадриҷан ба тағйири дидгоҳҳо ва мавқеъгириҳои кишварҳо нисбат ба баҳодиҳии ахлоқии амалҳои сиёсии ҳамдигар замина гузоштаанд. Ин дигаргуниҳо, пеш аз ҳама, вобаста ба боло рафтани садою нуфузи кишварҳои Олами Ҷануби глобалӣ алоқамандӣ

доранд, зеро онҳо равнақёбии рушди иқтисодиро ба даст оварда, бо ҳамин таъсири онҳо ба низоми ҷории ташаккулёбандаи ҷаҳонӣ меафзояд;

- исбот гардид, ки мундариҷаи шуури ахлоқӣ дар заминаи воқеиятҳои объективӣ ташаккул ёфта, мутаносибан ба тамоюлоти ин равандҳо таъсир мерасонанд. Ин таъсиррасониҳо аксаран ғайримустақим бо роҳи татбиқи фаъолиятҳои одамон дар ин ва ё он соҳа ба амал меоянд. Яке аз соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ, ки таҳти таъсиррасонии шуури ахлоқии одамон қарор дорад, соҳаи ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошад.

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Собит шудааст, ки асоси ҳастии инсонро фаъолияти он ташкил медиҳад, вале дар баробари ин, ҳадафҳои ба фаъолият водорсозандаи инсон ва ба он мазмуну мундариҷаи мувофиқ фаротар аз марзи фаъолият қарор дошта, ба соҳаҳои марбут ба ангезаҳо, идеалҳо ва арзишҳо вобастагӣ мегиранд. Ин ҷанба ба тамоми шаклҳои фаъолияти огоҳонаи инсон, аз ҷумла, фаъолияти сиёсӣ рабт дорад. Бинобар ин, робитаи ногусастании мундариҷаи фаъолияти сиёсӣ бо арзишҳои ахлоқии ҷомеаи мушаххас пайвандӣ дорад, ки омили муҳим барои таҳқиқи масъала мебошад.

2. Асоснок карда шудааст, ки арзишҳои сиёсӣ мустақилона вуҷуд надоранд ва сарчашмаи ташаккулёбии онҳо марбут ба мафкураҳои таъсиррасону амалкунанда ва тамоюлҳои рушди ахлоқии ҷомеа мебошанд. Аз ин рӯ, ахлоқ дар арсаи сиёсӣ, пеш аз ҳама зарурати созиш додану наздик сохтани манфиатҳои фардӣ бо манфиатҳои умумии ҷомеаро тақозо менамояд. Чунин амалия дар раванди ба даст овардани Созишномаи сулҳи байни тоҷикон бо талоши дар маркази ҳадафҳои ҷонибҳо қарор додани масъалаи нигоҳ доштани мавҷудияти давлати миллӣ, ки омили ҳастии тоҷикон маънидод гардида буд хеле хуб

татбиқ гардид.

3. Муайян карда шудааст, ки бо назардошти эҳтиром ба арзишҳои ахлоқӣ, воридшавии афрод ба арсаи сиёсӣ барои ҷомеа манфиатовар мегардад, зеро сиёсат бо имкониятҳояш метавонад барои таъмини саодати умум нақши бештар дошта бошад. Эътирофи ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар амалияи сиёсӣ на танҳо хизмати шахсии сиёсатмадорон, балки талаботи ҷаҳони маънавии онҳо мебошад.

4. Муайян карда шудааст, ки таърихан ташаккули ахлоқ дар ҳаёти сиёсӣ чунон ба вуҷуд омадааст, ки дар маркази таваҷҷуҳи он, мусоидат ба нафъи дигарон аҳаммияти калон дошт. Бинобар ин, талошу тадбирҳо тадриҷан барои муайян ва дарк кардани нафъи дигарон дар осори олимон тақвият ёфта, ғояҳои арзишманд ба миён омадаанд. Хусусан, дар фалсафаи ахлоқии мардуми тоҷику форс силсилаи асарҳои ба масъалаи тадбири манзил бахшидашуда, эҷод гардиданд.

5. Собит карда шудааст, ки масъалаи эътибор пайдо кардан ва ба инобат гирифтани арзишҳои ахлоқӣ дар амалияҳои сиёсӣ, дар баробари дигар омилҳо, инчунин, ба омили зарфи давлатҳо низ вобастагии зиёд дорад. Масалан, муҳаққиқи амрикоӣ Ҷон Миршаймер чунин меҳисобад, ки давлатҳои абарқудрат ҳамеша нисбат ба якдигар бо назари нобоварӣ менигаранд ва аз ҳамдигар иқдомҳои ғайриинтизоршавандаро мунтазир ҳастанд. Аз ин ҷиҳат, муносибати байниҳамдигарии онҳо дар камтарин маврид дар чаҳорчӯбаи арзишҳои ахлоқӣ меғунҷад, аммо онҳо ба ин эътибори ҷиддӣ намедиҳанд.

6. Муқаррар карда шудааст, ки кишварҳои ғарбӣ мунтазам талош меварзанд нисбат ба кишварҳои дигари ҷаҳон мақоми ҳидоятсозӣ ба сӯйи бунёди ҷомеаи демократиро ишғол намоянд ва боварӣ доранд, ки ахлоқ барои ин ҳамеша дар амали онҳост, чун тибқи ин мантиқ

танҳо дар рушду нумуи ниҳодҳои демократӣ имконпазир аст.

7. Муайян карда шудааст, ки арзишҳои ахлоқӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври мушаххас ва мақсаднок аҳаммияти бузургро касб мекунанд. Арзишҳои ахлоқӣ ҷамъи тасаввуроти бонизоми акторҳо перомуни муҳиммияти он ё дигар қоидаҳо, дастурҳо ва идеалҳо барои худ мебошанд. Бар асоси онҳо ахлоқи сиёсӣ ташаккул меёбад ва он маҷмуи меъёрҳо, усулҳо ва арзишҳоеро фаро мегирад, ки рафтори субъектҳоро дар соҳаи равобити сиёсӣ танзим мекунад. Мазмуни онҳо тавассути ахлоқи сиёсӣ ошкор ва таҳлил мешавад, ки аҳаммият, нақши ахлоқ ва арзишҳои ахлоқиро барои сиёсати давлатӣ меомӯзад ва асоснок мекунад.

8. Муайян карда шудааст, ки тавозуни арзишҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ дар тафсири мафҳумҳои «некӣ ва бадӣ», «ҳақиқат ва ботил» барои ҳар як вазъияти мушаххас ва ҳолати ҷомеа инъикос меёбад. Ҷомеа, бо баҳогузории пайваста аз рӯйи ченаки «озодӣ – адолат», интихоб ва амалҳои сиёсатмадорони худро муайян мекунад. Ғайр аз ин, духурагии арзёбии сиёсӣ ба воситаи арзишҳои «мутараққӣ» ва «устуворӣ» муайян мешавад. Дихотомия ё дуҷониба будани тамоюлҳои ахлоқӣ ва арзишӣ ҳам дар мавқеи ҷомеа ва ҳам дар нухбагони ҳукмрон ба назар мерасад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дастоварда ва натиҷаҳои рисолаи анҷомёфта, метавонад барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаи баррасишаванда, аз ҷумла, тақвият бахшидани ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар амалияи сиёсӣ истифода шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Сатҳи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта бо такя ба далелҳои муътамад барои исботи фикрҳои баёнгардида, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои бонуфузи

дохилию берунӣ аз маводди таҳқиқшуда таъмин гардидааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Рисолаи анҷомёфта ва натиҷаи назариявӣ ва асосҳои методологии таҳқиқот аз рӯйи ихтисоси 6.3.4. Илми ахлоқ, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мувофиқи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, таҳия шудааст. Зимнан, мавзуи рисола бо бандҳои 9 ва 10 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020 сол, таҳти № 503 «Дар бораи самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» алоқаманд мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми унвонҷӯйи рисолаи доктории мазкур қабл аз ҳама дар муайян намудани ҳадаф, предмет ва объекти таҳқиқот, пешниҳоди фарзияҳои алоқаманд бо мубрамии мавзуъ, асосноксозии заминаҳои назариявии пажуҳиш ва интихоби методологияи таҳқиқот зоҳир мегардад. Ҳамчунин аз тариқи нашри мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи пажуҳиш, баромадҳо дар конфронсу ҳамоишҳои илмӣ саҳми довталаб дар ҷустори паҳлуҳои муҳимми мавзуъ ба назар мерасад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия (гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳо, маҷлисҳо, семинарҳо ва дигар ҳамоишҳои илмӣ). Нуктаҳои асосии диссертатсия дар маҷлиси кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, суратмаҷлиси № 02 аз 02 сентябри соли 2026 муҳокима гардид.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия, аз ҷониби муаллиф, дар як қатор конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, аз ҷумла: конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Илм ва таҷриба: татбиқ дар ҷомеаи муосир» (Британияи Кабир, Манчестер, 2020), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Таҳқиқотҳои илмӣ дар қарни XXI» (Канада, Оттава, 2021), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Уфуқҳои илмӣ дар доираи буҳронҳои иҷтимоӣ» (Ҷопон, Токио, 2021), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Таҳқиқотҳои илмии муосир» (Норвегия, Осло, 2021), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Ибни Сино ва Абубакри Розӣ – нобиғаҳои тамаддуни башарӣ» (Тоҷикистон, Душанбе, 2025), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Нақши Эмомалӣ Раҳмон ва Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар таҳкими пояҳои давлатдории муосири тоҷик» (Тоҷикистон, Душанбе, 2025) нашр шудаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 1 монография, 21 мақолаҳо, аз ҷумла 16 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида инъикос ёфтаанд.

Сохтори таҳқиқот ва ҳаҷми диссертатсия. Рисолаи диссертатсионӣ аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 5 боб, 16 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва 399 номгӯйи рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ 351 саҳифаро ташкил дода, дар барномаи Microsoft Word, андоза – 14 pt; фосилаи байнисатрӣ – 1,5 см; ҳошияҳои саҳифа: чап – 3 см; рост – 1 см; боло ва поён – 2 см таҳия шудааст.

Қисмати асосии диссертатсия

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқот асоснок

гардида, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети омӯзиш, асоси методологии таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва тасвиби он шарҳ меёбанд.

Боби аввал «**Заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи ташаккули танзими ахлоқии муносибатҳои сиёсӣ**» ном дошта, масъалаи тарафайни ахлоқ ва сиёсат аз аҳди қадим то замони муосир дар таълимотҳои муҳаққиқони даврони мухталиф баррасӣ гаштааст.

Зербоби аввали боби аввал «**Баррасии таъсири мутақобилаи фаъолиятҳои сиёсӣ ва арзишҳои ахлоқӣ дар таълимотҳои иҷтимоии классикӣ**» номгузорӣ шудааст. Дар он таносуби меъёрҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ баррасӣ гашта, онҳо аз омилҳои мухталифи ҷамъиятӣ вобастагӣ доранд ва баҳогузориашон дар ҷомеаҳои анъанавӣ як навъ буда, дар ҷомеаҳои шакли муосир тамоман дигар мебошад. Дар ҷомеаҳои анъанавӣ наздикии сиёсат ва ахлоқро эътироф намуда, дар муносибатҳои иҷтимоӣ бартарӣ ба меъёрҳои ахлоқӣ дода мешуд.

Ба муносибати тарафайни ахлоқ ва сиёсат дар ибтидо Афлотун андешаронӣ намуда, андешаҳои асосии ӯ дар асарҳои «Давлат» («Ҷумҳур»), «Қавонин» ва дигар диалогҳояш баён гаштаанд. Дар андешаҳои худ дар бораи мақоми ахлоқ дар танзими рафтори сиёсӣ Афлотун бар он бовар буд, ки сиёсат ҳунари шоҳон буда, дониш ва малакаи лозимаи роҳбарии инсонҳоро тақозо менамояд: «Мегӯянд даст задан ба беадолатӣ маъмулан хуб аст, вале таҳаммули он – бад аст. Аммо ҳангоме беадолатиро таҳаммул мекунӣ, дар ин маврид бадӣ бештар аст, нисбат ба хубии он ки ба адолат даст мезанӣ. Барои ҳамин ҳам, замоне ки инсонҳо шаҳди ҳам ину ҳам онро чашиданд, яъне адолат карданд ва аз беадолатӣ ранҷ бурданд, дар ин ҳолат, дигар қудрати аз яке халос шуда, дигареро дар даст

нигоҳ доштанро надоштанду ба мақсад мувофиқ донистанд, ки бо ҳамдигар ба мувофиқа биёянд, барои он ки на ба беадолатӣ даст зананд ва на аз он азият кашанд. Аз ҳамин ҷо қонун ва шартномаи тарафайн оғоз ёфт» [40, с.93].

Ба андешаи ӯ, замони дарки арзиши адолат ва беадолатӣ аз тарафи инсонҳо меъёрҳои қонунӣ ва адолатпешае интихоб мегарданд, ки пеши роҳи беадолатиро мегиранд ва маҳз онҳо моҳияти адолатро ташкил медиҳанд. Дар андешаҳои худ Афлотун ба ғояҳои хайр такя намуда, онро ҳамчун ягонагии накукорӣ ва хушбахтӣ маънидод мекард. Ӯ муътақид бар он буд, ки дар тафовут аз идоракунии илоҳии одамон, ки ҳамеша моҳияти адолатпарварона дорад, аз ҷониби сиёсатмадорон идора шудани одамон аз камбудӣ холӣ нест. Аз ин рӯ, одам бояд бештар ба хайр талош кунад, на ба лаззоти дунявӣ. Дар баробари ин, Афлотун майл ба тарбия ва саводро дар ташаккули шахс муҳим ҳисобида, ҳатто барои ӯ мактаби махсусро пешниҳод мекунад, ки дар тӯли ҳаёташ онро гузашта, ба сиёсати бузург омода мегардад.

Арасту ба таҳлили масъалаи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ асосан аз мавқеи категорияи рафтор (амал) назар менамуд. Ин категория дар таълимоти Арасту мақоми хос дошта, дар асараш «Этика» ба ин мавзуъ диққати бештар додааст, ки кирдорҳои гуногун чӣ тавр ва барои чӣ содир гардида, кадом амалҳо бадқасдона ва кадом амалҳо хайрхоҳона мебошанд. Дар ин иртибот ба он аҳаммият медод, ки барои тафовутгузорӣ дар байни ин амалҳо мулоҳизаҳои ахлоқӣ мусоидат менамоянд.

Андешаҳои ахлоқӣ-сиёсӣ дар марҳалаҳои минбаъдаи таърихи фалсафа идома ёфта, метавон онҳоро дар андешаҳои А.Форобӣ мушоҳида кард. Бояд иқрор шуд, ки ба ӯ муяссар гардид, то моҳияти афкори олимони юнониро дуруст дарк ва ифода намуда, онҳоро аз унсурҳои асотирӣ,

ки муфассирони мухталиф ворид намуда буданд, пок созад. Ба андешаи А.Форобӣ ҳама соҳаҳои илмҳо, аз он ҷумла ахлоқ ва сиёсат, бояд се унсури асосӣ дошта бошанд: мавзуи дақиқ, маълумоти саҳеҳ ва далелу исбот. Дар баробари ин, онҳо ҳамчунин аз се манбаъ: узвҳои эҳсос, ақли расо ва идрок таркиб меёбанд. Тавассути узвҳои эҳсос ва ақли расо маърифат бевосита ҳосил мешавад, идрок бошад имкон медиҳад, то моҳияти ашё дарк гардад.

Ба андешаи мо, мазмуни асосии таълимоти А.Форобӣ аз он иборат аст, ки сиёсат, ба назари ӯ, аз лиҳози ифодаи назариявӣ ҷузъи донишҳои ахлоқӣ аст. Сиёсат аз тариқи меъёрҳои ахлоқӣ робитаи худро бо воқеият ва таҷрибаи зиндагӣ пайдо менамояд.

Дар маҷмуъ, Форобӣ инсонро ҳамчун мавҷуди боахлоқ ва сиёсӣ мешуморад, ки метавонад танҳо дар чорчӯбаи сиёсат ба саодат расад.

Дар фалсафаи аҳди қадим ва асрҳои миёна наздикии сиёсат ва ахлоқ дар таълимотҳои мутафаккирони шарқию ғарбӣ дар баробари тафовутҳои начандон зиёд дастгирӣ меёбад, аммо чунин ҳолат дар марҳалаҳои минбаъдаи таърихӣ дигаргун мегардад. Чунин нигоришро метавон баръало дар андешаҳои Н.Макиавелли мушоҳида намуд ва ҳатто имрӯз дар илми сиёсӣ равияе бо номи макиавелчигӣ маълум мебошад. Н.Макиавелли масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсиро дар доираи масъалаи инсон вобаста ба мавқеъгирии манфиатҳои шахсӣ ҳал намуда, манфиатро дар консепсияи худ аз ҳама боло мегузорад. Дар таълимоти мутафаккир фаҳмиши ахлоқ аз фаҳмиши анъанавии он тафовут дорад, чун ҳадаф аз ахлоқ ё ахлоқи давлатӣ ин хизмат барои ҳокимияти олӣ мебошад. Маҳз ҳамин қолаб дар ҷомеаҳои ғарбӣ то кунун вуҷуд дорад, ки сабаби тафовути ахлоқ миёни ҷомеаҳои ғарбию шарқӣ гашта, дарки ахлоқ тамоман дигар буда, манфиатҳои

сиёсӣ дар мадди аввал қарор мегиранд ва барои расидан ба онҳо ахлоқ поймол гардад ҳам, ягон боке нест.

Дарки ахлоқ дар таълимоти Н.Макиавелли дуруст аст ё на вобаста ба расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ муайян мешаванд. Ба андешаи Н.Макиавелли замоне, ки ба томияти давлат хатар таҳдид мекунад, пас «ҳама вақте ки барои муҳокима масъалаи роҳи наҷоти ягонаи давлат пеш меояд, набояд ягон тасаввуротҳо, ба мисли боадолатӣ ва беадолатӣ, инсонгарой ва золимӣ, шараф ва расвой монеа гарданд ва чунин тасаввуротҳо бояд бартараф гардида, наҷоти давлат ва таъмини озодӣ асосӣ бошад» [91, с.379]. Барои Н.Макиавелли манфиатҳои давлат дар сиёсат дар меҳвари аввал қарор гирифта, наҷоти он новобаста аз роҳи интихобгардида ҳамеша сафед карда мешавад. Аз ин хотир, роҳбари давлат (ҳоким) ё шоҳ барои расидан ба мақсадҳо барои манфиати худ ва давлат аз тамоми роҳҳо истифода мекунад. Гузашта аз ин, дар таълимоти мутафаккир дар баҳси сиёсат ва ахлоқ бартарӣ ба сиёсат дода мешавад, чун «сиёсат дар таълимоти Макиавелли аз ахлоқ ҷудо набуда, онро пурра фурӯ мебарад, ягон соҳае наемонад, ки новобаста аз сиёсат мустақилиятро соҳиб бошад, аз дигар тараф бошад, сиёсат низ наметавонад нисбати дигар соҳаҳо мухторияти худро пурра таъмин намояд. Сиёсат ҳамарофарогиранда аст ва ҳар арзиши тасаввуршавандаро ғайр аз манфиат, ки сиёсат аст, ба абзори худ табдил медиҳад» [80, с.478].

Дар таълимоти дигар мутафаккирони замони нав чунин андешарониҳо идома ёфта, барои Т.Гоббс баҳри танзими ҷомеа давлати пурзӯр бо сиёсати устувор дар пояи принсипҳои «шартномаи ҷамъиятӣ» қарор дорад. Барои ҳамин дар ҷомеаҳои бидуни ниҳоди муҳимми сиёсӣ – давлат таъмин намудани тарзи фаъоли идоракунӣ ва тартиботи сиёсӣ номумкин аст. «Дар ҷое, ки ҳокимияти умумӣ вуҷуд надорад, қонун нест ва дар ҷое ки қонун

вуҷуд надорад, дар он ҷо адолат нест» [13]. Ҷ.Локк бошад ҷомеа ё давлатеро дар асоси «шартномаи ҷамъиятӣ» дастгирӣ мекунад, ки ба бунёди демократияи либералӣ ва озодиҳои инсон мусоидат кунад. Локк дар асараш «Ду рисола оид ба идоракунӣ» («Два трактата о правлении») масъалаи озодиҳои инсонро баррасӣ намуда, қайд мекунад: «Озодии табиии инсон аз озодии ӯ аз ҳама гуна ҳокимияти болотар дар рӯйи замин иборат аст ва ба ирода ё салоҳияти қонунгузории каси дигар тобеъ нест ва танҳо аз ҷониби қонуни табиат роҳбарӣ мешавад. Озодии инсон дар ҷомеа аз он иборат аст, ки ӯ ба ҳеҷ салоҳияти қонунгузорӣ тобеъ набошад, ба ҷуз он салоҳияти қонунгузорие, ки бо ризоияти дохили давлат муқаррар шудааст ва ба иродаи ягон шахси дигар тобеъ нест ё бо ягон қонун маҳдуд намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки аз ҷониби ин мақоми қонунгузор мувофиқи эътимоди ба он гузошташуда муқаррар шудаанд» [28, с.245].

Умуман, андешаҳои муҳаққиқони аврупоии замони нав перомуни муносибати тарафайни ахлоқ ва сиёсат дар фаъолиятҳои сиёсӣ то кунун дар давлатҳои муосир истифода мегарданд, аммо андешаҳои Ҷ.Локк нисбатан бештар мавриди татбиқ қарор доранд.

Зербоби дувуми боби аввали рисола **«Масъалаи меросбарӣ ва тағйирёбии баррасиҳо аз масъалаи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар афкори муосири фалсафӣ»** ном дошта, вобаста ба муносибати ахлоқ ва сиёсат дар фалсафаи ахлоқ ду дидгоҳи мухталиф ёдрасӣ мегардад. Мувофиқи дидгоҳи аввал қоидаҳо ва ҳидоятҳои ахлоқӣ то он ҳад дар ҳаёти сиёсӣ омехта ва фаъол мегарданд, ки ба сиёсати амалкунанда дар воқеъ таъсиррасон гашта, бидуни онҳо сиёсати давлатиро тасаввур кардан мушкил мегардад. Дидгоҳ ё назари дуюм аз он бармеояд, ки меъёрҳои сиёсӣ бояд ҳамчун падидаи мустақил ва бегона нисбат ба меъёрҳои ахлоқӣ фаҳмида шаванд. Мувофиқи

он чун дар ҳаёти сиёсӣ нақши институтҳои сиёсию ҳуқуқӣ авлавиятдор мебошад, пас онҳо бештар ба қонуният бояд такя кунанд, на ба адолат ва дигар мақулаҳои ахлоқӣ-сиёсӣ.

Талоши исботи он ки меъёрҳои сиёсӣ ҳамчун падидаи мустақил аз меъёрҳои ахлоқӣ тасаввур карда мешавад ва баррасиҳои ахлоқӣ дар асоснокунии усулҳои сиёсӣ ё тасмимҳои сиёсӣ нақш надоранд, он қадар саҳеҳ нест. Зеро дар воқеият меъёрҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ комилан ҷудонашавандаанд ва баррасиҳои ахлоқӣ метавонанд барои асоснок кардани усулҳо ё назарияҳои сиёсӣ истифода шаванд.

Аз ин ду дидгоҳ, аввалин аксаран мавриди интиқод қарор гирифта, дидгоҳи дувум бошад тарафдори бештар дорад ва дар ҳоли рушду дигаргунӣ мебошад.

Масъалаи мазкур аз тарафи муҳаққиқон омӯхта шуда, фарогири давлатҳои фазои пасошӯравӣ, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон низ гаштааст.

Дар фалсафаи иҷтимоӣ ба таҳқиқи масъалаи мазкур профессор С.Н. Наврӯзов бештар диққат додааст [35; 34]. Дар асарҳои муҳаққиқ масъалаи то чӣ андоза дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ меъёрҳои ахлоқии динӣ метавонанд ба унсури танзимкунандаи рафтори сиёсӣ табдил ёбанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф масъалаи мазкурро таҳлил намуда, ба хулоса меояд, ки дар аксар маврид аҳзоби сиёсӣ ва нухбагони онҳо бо роҳи фиреб додани шуури ҷамъиятӣ аз арзишҳои ахлоқии динӣ барои расидан ба мақсадҳои ғаразноки худ сӯиистифода менамоянд. Дар ин маврид муҳаққиқ таъкид менамояд: «Аз оне ки динро дастак карда, аз дигар соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти иҷтимоӣ, аз ҷумла, ҳаёти моддӣ боло мегузоранд, на танҳо руҳониён, балки як идда олимон ва ходимони сиёсии навбаромад низ айбдор ҳастанд. Чунин муносибати дӯстона ва навозишкорона ба он ҳамчун неруи

асораткунандаи инсон бо созишкориҳои бепоён ва нобахшиданӣ бо вай ба он ҳолате, ки имрӯз мушоҳида мешавад, ба мухолифати комил меорад.

Дар ҳудуди муайян, ин вазъ дар амал тоқатпазир аст, вале мантиқи бемаънии он ақлу зеҳнро ба озори ҳақиқӣ гирифтор месозад. Дар муносибат бо дин матбуоти даврии мо – давлатӣ ва мухолиф, ки доимо дурӯягӣ ва дурӯғи руҳониёни маддоҳро такрор менамоянд, ба дасти худ нуқсонҳои илоҳиётпарастонро ба бистари дунявият мекӯчонад» [34, с.6-7].

Аз ин рӯ, бояд бо арзишҳои ахлоқӣ мазмун ва мақсади рафторҳои сиёсӣ ғанӣ карда шаванд, то ҷавонони мо аз муносибати бошуурона ба анъанаҳои миллӣ, меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор дур нагарданд. Ин амр доимо дар баҳсҳои сиёсии ходимони сиёсӣ ва коршиносони масоили сиёсӣ таъкид мегарданд: «Масоили устувор гардонидани асосҳои ахлоқии ҷомеа, ташаккули тафаккури эҷодӣ ва созандаи миллат, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ ҳамеша дар сиёсати давлатҳо ва тамоми ниҳодҳои фарҳангӣ мақоми асосӣ доранд ва барои ҳамин ҳам васоити ахбори умум, телевизион ва радио, шабакаҳои иҷтимоӣ бояд дар самти ҳалли ин масъалаҳо, қабл аз ҳама, ҳимояи истиқлолият, ҳамчунин таҳаввули шуури миллӣ, боло бурдани сатҳи маърифат ва ҷаҳонбинии аъзои ҷомеа, ҳифзи мероси гаронбаҳои халқи тоҷик ва муаррифии арзандаи он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолияти худро вусъат бахшанд» [113].

Умуман, ахлоқ ва ҳокимият якдигарро тақвият мебахшанд. Барои ҳамин дар бораи аҳаммияти ахлоқ барои нухбагон, қабл аз ҳама аз нигоҳи таъсиргузорӣ, бояд намунаи накукории ҳокимият нисбат ба пайравонашро баррасӣ намуд. Амали накукорӣ сарчашмаи муҳимми неруи муросокоронаи сарварон ва ё қобилияти ба даст овардани интизориҳо аз пайравон

бидуни истифодаи иқтидор ва маҷбурсозӣ мебошад.

Зербоби сеюми боби аввали рисола **«Ахлоқ ҳамчун воситаи танзими фаъолияти сиёсӣ дар афкори фалсафии муосир»** ном дошта, дар пешбурди баҳс перомуни ҷанбаи меъёрии ахлоқи сиёсӣ, ба масъалаи полоиш ёфтани меъёрҳои ахлоқӣ тавассути сиёсат таваҷҷуҳ шудааст.

Таҳлили систематикии мавзуъ, ба кӯшишҳои Чарлз Лармор тааллуқ доранд, ки ба масъалаи фарқ кардани фалсафаи сиёсӣ аз фалсафаи ахлоқӣ бахшида шудаанд. Мо дар рисола масъалаи матраҳшавандаи Ч.Ларморро омӯхта, ду қазоватро оид ба дидгоҳи ӯ баён менамоем. Ба таври интиқодӣ даъвои Ч.Ларморро рад мекунем, ки фалсафаи сиёсӣ бояд машруият (легитимӣ)-ро бар меъёрҳои ахлоқӣ, аз ҷумла адолат бартарӣ диҳад. Ба андешаи мо, ҳеҷ яке аз хусусиятҳои сиёсӣ чунин талаб намекунад, баръакс, равандҳои сиёсии аксар кишварҳо дар солҳои охир нишон медиҳанд, ки сатҳи риояи меъёрҳои ахлоқӣ ба яке аз омилҳои муҳимми устуворӣ ва ҳамзамон ноустувории низомҳои сиёсӣ табдил ёфтааст.

Равиши дигари беҳтар муайян кардани аломатҳои фарққунандаи масъалаҳои дар фалсафаи сиёсӣ ва ахлоқи сиёсӣ баррасишаванда ин муқоисаи масъалаҳое мебошанд, ки чӣ гуна онҳо ба мавзуъҳои хос тааллуқ доранд. Тибқи ин назар, фалсафаи сиёсӣ ҳамеша бо масъалаҳои марбут ба идоракунии низоми сиёсӣ, ба монанди давлат ё ниҳодҳои асосии ҷомеа машғул аст. Ин ҷанбаи фарққунандаи фалсафаи сиёсӣ аст, зеро фалсафаи ахлоқӣ аслан бевосита бо ин масъалаҳо сарукор надорад ва танҳо ба сатҳи афзалиятдиҳии меъёрҳои ахлоқӣ дар ин равандҳо таваҷҷуҳ менамояд.

Ҳамин тавр, дар баҳси мавзуи фалсафаи сиёсӣ ва ахлоқи сиёсӣ таносуби ду масъалаи хеле муҳим барои таъмини ҳастии низомҳои сиёсӣ, яъне сатҳи афзалияти қонуният ва адолат дар равандҳои ташкил ва идоракунии

ҳаёти ҷомеаҳо аҳаммияти хос пайдо мекунад. Бо назардошти қазоватҳои зикршуда ин мавзуъ дар ҳаёти давлатҳои муосир ба яке аз масъалаҳои мубрам баҳри таъмини суботи онҳо табдил ёфтааст.

Чарлз Лармор ба ин бовар аст, ки қонуният бояд «объекти асосии фалсафаи сиёсӣ» бошад, зеро он ба «...шароите дахл дорад, ки тибқи онҳо қоидаҳои иҷрошаванда метавонанд бо асосмандӣ ба аъзои ҷомеа таҳмил карда шаванд» [63, с.54]. Ба ин хотир, қонуният дар мавқеи аввал қарор гирифта, адолат бошад нисбат он мақоми дуюмро касб менамояд. Агар дар давлат қонуният дуруст татбиқи худро ёбад, ҳатман барои амалишавии адолат низ мусоидат хоҳад кард. Маҳз бунёди ҷомеае, ки дар он қонун ҳукумат мекунад, ба татбиқи адолат шароитҳо муҳайё карда мешаванд.

Дар амалияи ҳаёти сиёсии ҷомеаи муосири Тоҷикистон, мо бештар ба ҳамгироии ҳарду унсур, яъне таносуби баробарвазни адолат ва қонуният дар мавриди тасмимгириҳои сиёсӣ мувоҷеҳ мегардем.

Зербоби чоруми боби аввали рисола **«Ҷойгоҳи ахлоқи сиёсӣ дар афкори мутафаккирони форсу тоҷик ва пажуҳиши он дар замони истиқлолият»** ном дошта, дар он масъалаҳои баррасии ахлоқи сиёсӣ дар таърихи фарҳангии халқҳои тоҷику форс аз тарафи муҳаққиқони таърихи фалсафаи ватанӣ мавриди таҳқиқи васеъ қарор гирифтааст. Аз таҳқиқотҳои анҷомёфта аён мегардад, ки масоили тарғибу ташвиқи фазилатҳои ахлоқӣ дар рафтори сиёсии аҳли ҷомеа, бахусус сарварони сиёсии замон дар мероси мутафаккирони мо ҷойгоҳи махсусро ишғол намуда, ҳамзамон дидгоҳҳои гуногун оид ба ин масъала вуҷуд доштааст. Дар ин самт таҳқиқотҳои анҷомёфта вобаста ба таълимоти Ибни Сино, Абубакри Розӣ, Носири Хусрав, Мавлоно Балхӣ ва дигарон ҷолиб мебошанд. Ба андешаи аксари олимони ватанӣ дар таълимоти

мутафаккирони форсу тоҷик мавзуи муҳимме, ки дар ахлоқ таваҷҷуҳи онҳоро ба худ ҷалб намуда буд – ин ақл ва мақоми он дар пешрафту ислоҳи муносибатҳои сиёсӣ мебошад. Зеро ба андешаи мутафаккирони мо ақл сарчашмаи кулли донишҳо ва сифатҳои ҳамидаи сиёсӣ буда, барои ривоҷу равнақи низоми давлатдорӣ саҳми асосӣ дорад.

Дар таълимоти ахлоқии З.Розӣ ва Ибни Сино ишора ба он меравад, ки сабаби баъзе аз костагиҳои ахлоқии одамон аз он вобаста аст, ки онҳо ба камолоти ақлӣ нарасида, ҳанӯз ташаккул наёфтаанд. Т.Муродова чунин ишора менамояд, ки «Закариёи Розӣ аз он мутафаккиронест, ки дар атрофи ин масоили муҳимми ҳамарӯзаи давру замонҳо, яъне ахлоқ низ саҳмгузорӣ намудааст, ки андешаҳои ӯ перомуни ин мавзуъ то имрӯз ҳам қурб ва ҳам моҳияти худро гум накардааст. Аз ҷумла, такаббур ва худписандӣ аз мақулаҳои ахлоқи зишт аст, ки бо кумаки нафси инсонӣ ташаккулу такомул меёбад. Андар ин масъала Закариёи Розӣ менависад, ки «ҳар инсоне дӯстдори нафси худ мебошад. Баъзан ӯ дар ҳаёту зиндагии худ беш аз зарурият нафсашро дӯст дошта, фавқулода меписандад. Дар натиҷа фасоди нафсро ҳамчун аъмоли зишт пай намебарад» [33, с.109].

Ибни Сино сифатҳои иҷтимоии инсонро аз маҳоратҳое иборат медонад, ки барои иҷрои муносиби фаъолияти ҷамъиятӣ хизмат менамоянд. Дар байни сифатҳое, ки аз назари ӯ барои зиндагӣ дар ҷомеа муҳимманд инҳоро зикр менамояд: фазилат, накукорӣ, меҳнатқаринӣ, эҳтиром ба дигарон, сарфакорӣ, эътимодмандӣ, масъулиятнокӣ, устувории психикӣ, майл ба ҳамкорӣ, худтатбиққунӣ ва ғайра. Дар «Китоб-уш-Шифо» ва дигар осораш, ӯ идеали ҳокими одилро, ки бояд мувофиқи қонунҳои илоҳӣ ва адолат амал кунад, баррасӣ кардааст. Ба гуфтаи ӯ, ҳоким бояд баробарӣ ва суботи ҷомеаро нигоҳ дорад, то ҷомеаи

солим ва устувор рушд кунад. Ӯ бовар дошт, ки илму фалсафа дар ташаккули ҷомеаи идеалӣ нақши муҳим доранд.

Муҳаққиқи тоҷик Назар М.А. чунин таъкид менамояд, ки «Ибни Сино ҳамчун мутафаккири гуманисти замони худ дар муносибатҳои иҷтимоӣ ҷой доштани зулму ситам, беадолатӣ, кинаю адоватро маҳкуму мазаммат карда, фазилатҳои неки инсонӣ – хайрандешӣ, накукорӣ, адолати иҷтимоӣ, эҳтироми ҳамдигарӣ ва дигар сифатҳои неки инсониро ташвиқу тарғиб намудааст. Ин мутафаккири бузург бо идеяҳои пешқадами худ ба рушд ва нумуи минбаъдаи афкори ҷамъиятию сиёсии мамлакатҳои Шарқи исломӣ таъсири бузург расонидааст» [36, с.61].

Таҳқиқотҳои ҳамсон оид ба ҷойгоҳи ахлоқи сиёсӣ дар мероси фарҳангии мардумони форсу тоҷик аз ҷониби як зумра муҳаққиқони дигари ватанӣ, аз ҷумла М.Муҳаммадҷонова, С.Афғонов, А.Атоев, Х.Камолова, Р.Усанов ва дигарон дар солҳои истиқлолият ба анҷом расонида шудааст [115; 116; 117; 121; 124; 127; 130].

Дар бештари ин таҳқиқотҳо гуфта мешавад, ки аҷдодони хирадманди мо ҷаҳонбинии суннатӣ доштанд ва тибқи он эътиқоде пойбарҷо буд, ки ҳама чизе, ки рӯй медиҳад, натиҷаи иродаи Худост. Яъне меъёрҳои ахлоқи сиёсӣ низ ба ҳамин принсип асос меёфт ва тарғиб мегардид.

Ҳамин тавр, дар пажуҳишҳои олимони мо таваҷҷуҳи амиқ ба дарки табиати муҳити ахлоқи сиёсии вазъияте, ки ба меъёрҳои ахлоқии мо мувофиқат мекунад, равона гардидааст. Ин пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки дин ва сиёсат дар тӯли таърихи мо бо ҳам робитаи амиқ доштанд. Маҳз мероси гузашта нишон медиҳад, ки афкори сиёсии исломӣ дар заминаи дине ташаккул ёфтааст, ки на танҳо барои имон ва ахлоқи шахсӣ роҳнамоӣ медиҳад, балки принсипҳое барои идоракунии ҷомеа низ пешбинӣ

мекунад.

Дар маҷмуъ, дар ин пажуҳишҳо таъкид мешавад, ки мероси андешаи сиёсии мо яктарафа нест, балки як анъанаи гуногун ва рушдёбанда мебошад. Он аҳаммияти тафаккури интиқодӣ ва фаҳмиши контекстуалӣ дар тафсир ва истифодаи принсипҳои арзиши ахлоқиро дар соҳаи сиёсӣ таъкид мекунад.

Боби дуюми рисола **«Хусусиятҳои таъсири арзишҳои ахлоқӣ ба ташаккули низоми идоракунии сиёсии давлатдории тоҷикон»** ном дошта, баҳри ҳифзи шарафи инсонӣ равона шудааст, ки дар пояи манфиатҳои умум беҳбудии сатҳи зиндагии шаҳрвандонро таъмин мекунад.

Зербоби аввали боби дувуми рисола **«Амалияи танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ дар таҷрибаи таърихии сиёсии тоҷикон»** ном дошта, меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолиятҳои сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Мафҳуми «танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ» бар он асос меёбад, ки сиёсат натанҳо ба азхудкунии амалии маънавии воқеияти иҷтимоӣ, балки ба тағйир, таҳаввул ва ҳифзи шароити зиндагии инсон дар ҷомеа равона гардида аст. Дар баробари ба эътибор гирифтани манфиатҳои гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ, сиёсат саъй менамояд арзёбии мусбати афкори ҷамъиятиро дар бораи ба мақсад мувофиқ будани воситаҳои расидан ба ҳадафҳои худ ба даст биёрад.

Масъалаи дигари баҳснок, масъалаи то чӣ андоза мувофиқ будани меъёрҳои ахлоқӣ бо фаъолияти сиёсии унсурҳои ҳаёти ҷамъиятӣ буд. Дар ин маврид доимо таъкид мегардад, ки агар фаъолияти сиёсӣ ҷавобгӯйи манфиатҳои воқеии одамон бошад, пас онро метавон сиёсати устувор ба арзишҳои ахлоқӣ номид, вале агар сиёсат воқеиятро таҳриф намуда, бар макру фиреб, қаллобӣ ва ғайра устувор бошад, пас онро метавон ҳамчун кирдори бадахлоқона арзёбӣ намуд.

Роҳҳои танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ бори аввал дар афкори ҷамъиятии аҳди антиқаи юнонӣ ва аҳди бостону асримиёнагии тоҷику форс мавриди баррасии амиқ қарор гирифта буд.

Дар таърихи афкори иҷтимоӣ-фалсафии минбаъда, дар масъалаи зарурати ҳар навъ мутобиқ сохтани ахлоқ ба мақсадҳои сиёсӣ, андешаҳои Н.Макиавелли мақоми хос доранд, гарчи ӯ бовар дошт, ки сиёсат бо ахлоқ ҳеҷ гоҳ мувофиқат надоранд. Ба ақидаи ӯ, ахлоқи ҳокимияти давлатӣ ҳамеша аз ахлоқи шахси алоҳида тафовут дорад. Ходими давлатӣ, ки барои ҳифзи ҳокимияти худ саъй мекунад, шояд накукор набошад, вале амалҳои ӯ баҳри афзун кардани иқтидор ва қудрати давлат ҳақ шумурда мешаванд. Ҳамзамон якеро мукофот ва дигареро муҷозот дода, вай бояд маҳорат дошта бошад худро дар назди аксарият хайрхоҳ ҷилва диҳад.

Ба андешаҳои Макиавелли намояндагони марҳалаи маорифпарварӣ зид мебаромаданд. Ж.-Ж. Руссо ходимони давлатиеро, ки аз мавқеи «мақсад муҳим аст, на восита» баромад намуда, ба зарурати инкор намудани арзишҳои ахлоқӣ аз тарафи ҳокимон дар лаҳзаҳои тақдирсози давлат таъкид менамуданд, интиқод менамуд. Руссо муҳимтарин хислати ходими далатиро адолатпарварӣ, поквиҷдонӣ ва маҳорати аз будаш зиёд баҳо надодани имкониятҳои худ медонист. Ба андешаи И.Кант бошад меъёрҳои ахлоқӣ дар шуури инсон ҷой дошта, ҳангоми содир намудани дилхоҳ фаъолияти ҷамъиятӣ мадди назар гирифта шаванд. Дар ин ҳолат, бояд инсон аз қоидаи зерин пайравӣ намояд: «Танҳо мутобиқи одобе амал намо, ки онро роҳнамои худ намуда, ҳамзамон хоҳиши ба қонуни муошрати умум табдил ёфтани он бошӣ [23, с.260].

Сиёсишавии ахлоқ маънои ҷорӣ намудани усул ва меъёрҳои сиёсӣ барои танзими муносибатҳои байни одамон, ҳамчунин, байни гурӯҳҳо ва афроди алоҳида бо

роҳи иваз намудани ахлоқ бо сиёсатро дорад. Дар соҳаҳое, ки ахлоқ бояд нақши нисбатан мустақилро бозад, вай бо сиёсат ҳаммонанд мешавад ва ё таъсири он бо ҳолатҳои хатарнадошта ва бо сиёсат зиддият пайдонакарда, маҳдуд мегардад.

Зербоби дуюми боби дувуми рисола **«Нақши ниҳодҳои имрӯзаи иҷтимоӣ дар танзими ахлоқии фаъолияти сиёсии ҷомеаи миллӣ»** ном дошта, нақши ниҳодҳои иҷтимоиро дар ташаккули ахлоқ бориз меҳисобад ва яке аз ниҳодҳои муҳимми иҷтимоӣ оила ба ҳисоб меравад. Оила ва ҷомеа дар ташаккули шахсият бештар мусоидат мекунанд ва барои ҳаёт, рушд, тарбия ва ташаккули сифатҳои шахсияти инсон муҳити муайянкунанда мебошанд. Таъсири оила дар тарбияи ахлоқии фарзандон танҳо бо айёми тифлӣ маҳдуд намешавад, балки он дар навҷавонӣ ва ҳатто ҷавонӣ низ барои ислоҳи костагиҳо ва нодурустии тарбия таъсир гузошта, дар рафтор баръало инъикос мегардад. Бо таваҷҷуҳ ба нақши оила дар тарбияи ахлоқии фарзандон, дар даврaҳои мухталифи рушд низоми сиёсӣ ҳам барои таъмини суботи худ аҳаммияти хосса медиҳад.

Тарбия дар оила фардро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ пайваст менамояд, ки дар натиҷа сифатҳои ахлоқии ӯ муътадил мешаванд. Волидайн дар ин муддат метавонанд роҳи дурусти тарбияро интихоб намоянд, ки аз сифатҳои лозимаи ҳаётӣ бархурдор бошад ва фарҳангу анъаноти мушаххас риоя шавад.

Дар замони муосир, чун замонҳои қаблӣ, оила дар ташаккули шахсияти насли нав саҳми намоёнро мебозад ва дар ҳоли дуруст пиёда намудани фарҳанги оилавӣ ва хуб будани вазъияти иҷтимоию иқтисодии оилаҳо фарзандон тарбияи дуруст гирифта, дар оянда ҷойгоҳи худро дар ҷомеа пайдо мекунанд.

Дар бунёди оилаи муосир сарфи назар аз он, ки дар

асоси принсипҳои умумӣ ба роҳ монда шудааст, бояд оинҳои миллӣ низ ба назар гирифта шаванд. Махсусан дар замони муосир, ки дар он равандҳои глобализатсионӣ ҳукумат мекунанд, фаҳмиши оила яксон нест. Инро бештар дар фишори фарҳангҳои бегона ба фарҳанги миллӣ баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Хуб мешуд, ки барои бунёди оила дар баробари розигии зану мард, сабти давлатӣ, инчунин омили динӣ барои ҳифзи тозагии оила мусоидат намояд.

Зербоби сеюми боби дувуми рисола **«Эҳтиром ба адолати иҷтимоӣ ва шарафи инсонӣ ҳамчун самараи афзалияти арзишҳои ахлоқӣ дар сиёсати давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, таносуби адолати иҷтимоӣ ва шарафи инсонӣ дар шароити ҷумҳурӣ баррасӣ карда мешавад.

Мафҳуми «шарафи инсонӣ» дар ахлоқи сиёсӣ муддати тӯлонӣ мавзуи баҳс буд. Ҳарчанд аксари муҳаққиқон онро аз дидгоҳи ахлоқӣ дида, риояи комили арзишҳо ва усулҳои ахлоқиро талаб мекунанд, баъзе донишмандон, бахусус, Н.Макиавелли ва пайравони ӯ бар он назаранд, ки сиёсат, умуман, аз баррасиҳои ахлоқӣ холӣ мебошад. Дигарон, аз ҷумла, Д.Тилларис, сиёсатро тарзи ҳаёти ҷудо меҳисобад, ки меъёрҳои ахлоқии он аз меъёрҳои маъмулии ахлоқӣ фарқ мекунад. Ҳама ин андешаҳо ба фаҳмишҳои гуногуни ҳадафи қудрати сиёсӣ ва тарзи рафтори сиёсатмадорон асос меёбанд.

Н.Макиавелли дар асари «Шоҳзода» («Государь») усулҳои бадахлоқиро барои ҳаёти сиёсӣ муҳим медонад ва ин тарзи тафаккур то имрӯз аз ҷониби аксар сиёсатмадорон пазируфта ва амалӣ мешавад. Макиавелли бар ин ақида буд, ки беҳтар аст, ҳокимон зердастонро бештар тарсонанд, на барои онҳо дӯстдошта бошанд. Ба гуфтаи ӯ, то даме роҳбар шаҳрвандонашро муттаҳид ва содиқ нигоҳ медорад, набояд аз он нигарон бошад, ки ӯро

бераҳм мемонанд, зеро ин ба нигоҳ доштани қудрати ӯ кумак мекунад. Мутобиқи ин ақида, сиёсатмадорони бадахлоқ, ё ин ки беэътиноии ахлоқӣ, аксар вақт ба ҳар касе, ки қудрати онҳоро зери хатар мегузорад, таҳдид мекунанд.

Аз сабаби риоя нашудани арзишҳои ахлоқӣ дар сиёсат, ноумедии сиёсӣ дар ҷомеа афзоиш меёбад. Дар ҷомеаҳое, ки сӯиистифодаи сиёсӣ бештар аст, эътимоди шаҳрвандон ба ҳукумат коҳиш ёфта, эътирозоти сиёсӣ боло меравад. Дар натиҷа, боварӣ ба сиёсат ва сиёсатмадорон коста мешавад ва фарҳанги норозигии сиёсӣ ба вуҷуд меояд. Муҳаққиқи муосир М.Флиндер ин ҳолатро чун раванди «беқадршавии сиёсатмадорон» тавсиф мекунад, ки дар натиҷа сиёсатмадорон ҳамчун афроде тасвир мешаванд, ки аз ҳама хислатҳои мусбати ахлоқӣ маҳрум мебошанд» [57].

Аз дигар тараф, бо такя аз назарияи ахлоқи фазилатӣ дар анъанаи Арасту, метавон ба дарки амиқу нисбатан воқеии ҷойгоҳи шарафи инсонӣ ҳамчун категорияи муҳимми ахлоқӣ дар сиёсат наздик шуд. Ин таҳлил ба мафҳуми манфиати умум, ки ба усулҳои асосии ахлоқӣ дар танзими корҳои ҷамъиятӣ пайравӣ мекунад, такя менамояд. Масъалаи манфиати умумӣ моро водор мекунад, ки нисбат ба камбизоатон ва қишрҳои осебпазири ҷомеа диққати махсус диҳем. Ҷон Ролз манфиати умумиро чунин таъриф мекунад: «Маҷмуи ҳолатҳои умумие, ки ба таври баробар ба манфиати ҳама мебошанд» [69].

«Эҳтиром ба шаъну шарафи инсон маънои муносибат бо инсонҳо ҳамчун ҳадафи худи онҳоро дорад, на ҳамчун восита барои расидан ба ҳадафҳои дигарон» [22, с.151]. Ин усул истифодаи инсонро ҳамчун абзор бо роҳи фиреб, таҳдид, зӯроварӣ ё маҷбуркунӣ маҳкум мекунад. Аз ин рӯ, дар низомҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ бояд озодии шахс ҳифз шавад, то шаҳрвандон тавонанд эътиқод, ақида ва

тарзи ҳаёти худро озодона интихоб намоянд.

Эҳтиром ба шаъну шарафи инсон равиши идоракунии сиёсиро бо роҳи мувофиқат бо шаҳрвандон таъмин мекунад. Агар ин мувофиқат ба даст оварда шавад, иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар умури ҷамъиятӣ бояд устувор бошад. Қарорҳои сиёсӣ, ки ба манфиати ҷомеа таъсир мерасонанд, бояд тавассути машварат ва ҳамфикрӣ, на бо зӯрӣ ё фиреб қабул карда шаванд.

Ин усул инчунин сиёсатмадоронро вазифадор мекунад, ки ниёзҳои моддии шаҳрвандонро баррасӣ намуда, идеали адолати иҷтимоӣ ва тақсимотиро риоя кунанд. Шахсе, ки дар шароити душвори иқтисодӣ қарор дорад, аз эҳтироми шаъну шараф маҳрум мегардад. Аз ин рӯ, идоракунии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бояд ба эҳтироми шаъну шарафи инсон мутобиқ бошад. Аз ин ҷиҳат, дар Тоҷикистон, махсусан бо дастгирии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои таъмини иҷтимоӣ ва рушди сармояи инсонӣ пайваста чораҳои судманд андешида мешавад.

Боби сеюми рисола **«Ахлоқ ҳамчун воситаи танзими фаъолияти сиёсӣ дар равандҳои муосири байналмилалӣ»** ном дошта, таъсиррасонии он дар ҷомеаи муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Зербоби аввали боби сеюми рисола **«Афзалиятҳои арзишии нухбагони сиёсии муосир барои расидан ба ҳамгироии ҷомеа»** ном дошта, қайд мешавад, ки нухбагони сиёсӣ на танҳо ҳимоятгари арзишҳои гурӯҳӣ, балки тамоми ҷомеа ба шумор мераванд. Барои расидан ба ин мақсад, онҳо аз захираҳои гуногуни дар ихтиёри ҳокимият қарордошта васеъ истифода мебаранд, вале амали он барои татбиқи ин ҳадаф, танҳо бо истифодаи захираҳои ҳокимият маҳдуд намешавад. Яке аз манбаи муҳимми нухбагони сиёсӣ барои ҳифзи арзишҳои ҷомеа, ба даст овардани ҷонибдории васеъ дар байни табақаҳои мухталифи ҷомеа ҳисобида, дар аксар маврид, онро

ҳамчун вазифаи ахлоқии худ медонад.

Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки дар масъалаи ҳифзу барқарор нигоҳ доштани меъёрҳои ахлоқӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа тафовутҳои зиёд миёни фаъолияти сиёсии нухбагону оммаи мардум вуҷуд дорад. Таҳқиқотҳо роҷеъ ба ин масъала нишон медиҳанд, ки ҳаракати нухбагон дар ин самт ҳамеша огоҳона, низомнок ва ҳадафмандона мебошад. Ба он системанокию ҳадафмандӣ дар ҷаҳони имрӯз, пеш аз ҳама, омилҳои миллӣ таъсиргузор аст. Нишонаҳои таъсиргузории омилҳои миллиро, масалан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар самти саъю талоши роҳбарияти олии кишвар баҳри тақвияти ҳувияти миллӣ ва истеҳкоми пояҳои давлатдории миллӣ мушоҳида кард.

Барои баҳо додан ба ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар рафтори нухбагони сиёсӣ муҳаққиқон инчунин, аз мафҳуми поквиҷдонии сиёсӣ низ истифода мебаранд. Покандешии ахлоқӣ дар сиёсат аз меъёрҳои ахлоқии умумӣ ҳамчун мафҳуми ҷудогона истифода бурда мешавад. Ин назария ба дидгоҳи бадахлоқӣ дар сиёсат наздик аст, зеро ҳарду нақши бозиҳои қудратро дар татбиқи манфиатҳои сиёсатмадорон эътироф мекунанд. Аммо, фарқи аслӣ дар он аст, ки дар сиёсатҳои баахлоқона ба ахлоқ тамоман эътино намекунанд, дар ҳоле ки ин назария нақши ахлоқ дар сиёсатро эътироф мекунад, аммо дар назар дорад, ки миёни меъёрҳои ахлоқии маъмулӣ ва ахлоқи ҳаёти сиёсӣ фарқ вуҷуд дорад.

Зербоби дуюми боби сеюми рисола **«Хусусиятҳои зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар шуури ҷамъиятии замони муосир»** ном дошта, қайд карда мешавад, ки ахлоқ ҳамчун шакли шуури иҷтимоӣ бо ҳуқуқ шабоҳати зиёд дорад. Ҳуқуқ ва ахлоқ дар баробари ҷанбаҳои дохилӣ, инчунин, сатҳи самаранокии фаъолияти нухбагони сиёсиро инъикос мекунанд, ки маҷмуи қоидаҳои нисбатан устувор ва дастурамал оид ба арзишҳову меъёрҳои муайянро дар бар

мегиранд.

Бо вуҷуди ин, тафовути ҷиддӣ миёни ахлоқ ва ҳуқуқ вуҷуд дорад. Ҳуқуқ, пеш аз ҳама, маҷмуи қоидаҳои сабтёфта дар созишномаҳо ва шартномаҳои расмӣ мебошад. Ахлоқ бошад, маҷмуи арзишҳои нонавиштааст, ки дар афкори ҷамъиятии ҷаҳонӣ устувор мебошанд. Аз ин рӯ, маҳдудиятҳои ахлоқӣ аз маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ фарохтар буда, татбиқшавии васеъ доранд. Қарорҳо дар арсаи байналмилалӣ бояд на танҳо аз рӯйи қонунҳо, балки аз рӯйи усулҳои ахлоқ низ қабул карда шаванд.

Ҳамин тавр, бо тағйирёбии арзишҳои ахлоқӣ дар равобити муосири байналмилалӣ, зарурияти таҳлили амиқи ин падида аз нигоҳи асосноки илмӣ меафзояд. Бинобар ин, аз ҷониби аксари муҳаққиқон тавсия мешавад, ки такя ба назарияи реализми сиёсӣ дар ин маврид то андозае самаранок ба назар мерасад.

Мухолифони он, равияи ахлоқгароён мебошанд, ки чунин равишро рад мекунанд ва бар ин ақидаанд, ки маҳаки сиёсӣ ҳамчун шакли ахлоқ боқӣ мемонад. Аз ин сабаб, мунаққидон талош доранд исбот намоянд, ки ҷустуҷӯйи маҳаки ғайриахлоқии сиёсӣ ба нокомӣ дучор мешаванд ва агар дуруст бошад, пас метавонад тамоми кӯшишҳои реалистонро бесамар гардонад.

Зербоби сеюми боби сеюми рисола **«Ҳамбастагии арзишҳои ахлоқию сиёсӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои ҷомеаҳои миллӣ»** номгузорӣ гаштааст. Дар фаъолияти сиёсӣ риояи арзишҳои ахлоқӣ имкон медиҳад, ки пайомадҳо ва натоиҷи фаъолияти сиёсӣ натанҳо аз нигоҳи судмандӣ ва самаранокӣ, балки аз нигоҳи адолати иҷтимоӣ ва некӯкорӣ баррасӣ шаванд. Заминаи болоравии нақши арзишҳои ахлоқӣ дар соҳаи фаъолияти сиёсӣ, демократикунонӣ ва ошкорбаёнӣ мебошад.

Агар дар гузашта сиёсат ба манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳида бо мақсади таъсиррасонӣ ба афкори ахлоқӣ ва

маҷбуран талқин кардани меъёрҳои муайян амалӣ мегардид, пас имрӯз демократикунонӣ ва ошкорбаёнӣ ба ҳаёти сиёсӣ ва афкори ахлоқӣ таъсир мегузоранд. Сиёсат ба маънои муайян таҳти таъсири ахлоқ қарор дошта, тамоми равандҳоро аз лиҳози интизориҳо ва талаботи ахлоқӣ маънидод менамояд. Демократикунонӣ аз ҳама бештар метавонад асос ва заминаи мусоид барои пешрафти ахлоқ гардад.

Дар баробари ин равишҳо, инчунин дар таносуби ахлоқӣ назарияи нисбиятгароии фарҳангӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Нисбиятгароии фарҳангӣ моро аз мутлақгаройӣ эмин медорад. Геродот чунин менависад: «Агар ба касе имконият дода мешуд, ки аз байни тамоми урфу одатҳои ҷаҳон беҳтаринро интихоб кунад, ӯ баъди таҳлили бодиққат бечунучаро анъанаҳои худашро интихоб мекард» [112]. Ҳар кас анъанаҳои фарҳанги худро беҳтарин медонад, аммо ин андеша метавонад танҳо натиҷаи муҳити тарбияи ӯ бошад. Дарк кардани ин метавонад тафаккури моро васеътар созад. Мо метавонем дарк кунем, ки эҳсосоти мо на ҳамеша исботи ҳақиқатанд, балки метавонанд танҳо натиҷаи таъсири фарҳангӣ бошанд.

Ба қатори омилҳои ташаккулдиҳандаи арзишҳои муосири ахлоқи сиёсӣ таъсиррасониҳои фарҳангии марбат ба равандҳои глобализатсионӣ низ дохил мешавад, ки ба анъаноти миллӣ, фарҳанги миллӣ ва пеш аз ҳама ба оила таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар ҷумҳурӣ ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳи пайваста зоҳир гардида, насли ҷавон дар муҳити солим тарбия гирифта, пеши роҳи пайомадҳои манфӣ гирифта шаванд

Боби чоруми рисола **«Тамоюлҳои зуҳури ҷанбаҳои ахлоқӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон»** ном дошта, ҷанбаҳои мусбат ва манфии меъёрҳои ҷории ахлоқӣ дар ҳаёти сиёсии кишвар мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Зербоби аввали боби чоруми рисола **«Хусусиятҳои зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон»** ном дошта, дигаргуниҳои охири қарни гузаштаро инъикос мекунад, ки дар ҳаёти сиёсии кишвар гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ пайдо шуда, ҳар як мақсади худро дошт.

Дар он ҳолатҳо меъёрҳои ахлоқӣ тағйир меёфтанд ва дар чунин ҳолат аксари муҳаққиқон пайваста таъкид менамоянд: «Қаблан чанд сухан дар бораи меъёрӣ будани ахлоқ ва ду вазифаи асосии он: нахуст, ин пешбарӣ ва асоснок намудани барномаи муайяни меъёрии он, ки маҳз ҳамин барномаи меъёрӣ ифодагари воқеӣ, аслӣ ва дурусти ахлоқ мебошад. Ахлоқи меъёрӣ саъй менамояд собит созад, ки арзишҳо ва усулҳои нисбат ба арзишҳо ва усулҳои берун аз ахлоқӣ, холисона, ҳамагонӣ ва бартаридошта мебошанд.

Дувум, ин маънои барқарор намудани танзими мутақобилаи талаботи инфиродӣ ба барномаи меъёрии пешниҳодгардидаро дорад. Чунин танзими муштарак низоъҳои меъёриро аз байн бурда, ҳамзамон, имкон медиҳад, то он фазоҳои фаъолияти инсонро, ки аз чорчӯбаи дарки муқаддимотӣ ва нахустини ин барномаи меъёрӣ берун монда буданд, фаро гирад» [101, с.5].

Бартарӣ доштани моликияти давлатӣ ва дур шудан одамон аз онҳо боиси он мегардад, ки дар фаъолиятҳои меҳнатӣ низ сатҳи ахлоқӣ паст мегардад ва ин дар навбати худ таъсири манфии худро ба дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ низ интиқол медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди паси сар кардани фоҷиаи даргириҳои ҷанги шаҳрвандӣ, бояд идеяеро корбаст намояд, ки баҳри ташаккули ҳаёти сиёсии дар пояи ахлоқ пайдогашта ва самтҳое равона карда шаванд, ки ҳадафи онҳо пешрафти давлат бошад. Маҳз дар масири пешрафти ҷомеа ҳамарӯза нақши анъанаҳои маънавӣ-зеҳнӣ ва сиёсӣ

афзоиш меёбанд ва ҳадафи давлат бунёди ҷомеаи демократӣ дар пояи арзишҳои ахлоқӣ қарор дорад.

Зербоби дуюми боби чоруми рисола **«Ҳифзи анъанаҳои миллӣ омили муҳимми ташаккули асосҳои ахлоқии ҳаёти сиёсии ҷомеа»** номида шудааст. Қайд намудан ба маврид аст, ки меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти сиёсӣ тасодуфӣ ба даст наомадаанд ва протсесси содаи иҷтимоӣ ба ҳисоб намеравад. Ин ҳолат натоиҷи ташаккули ҷамъият, бахусус соҳаи моддӣ мебошад, зеро сатҳи муносибатҳои ахлоқӣ дар ҷомеа, аз шароити зиндагии инсонҳо низ вобаста мебошад. Ҳангоми вазнин шудани сатҳи ҳаёти одамон, мавқеи қавоиди ахлоқӣ ва таъсири онҳо, махсусан, дар муносибатҳои сиёсӣ заиф мешавад. Дар таърихи ташаккули ҷомеаи муосири тоҷик чунин ҳолат дар солҳои аввали истиқлол ба назар мерасид, зеро афзалиятҳои ҳифз ва бақои ҳаёти инсонӣ дар фаъолияти онҳо нақши ҳалкунанда доштанд.

Тарзҳои амалишавии назорати ахлоқии фаъолиятҳои сиёсӣ ҳама вақт дигаргун гашта, дар ҳоли рушд мебошанд. Яке аз омилҳои муҳимми таъсиргузор ба ин раванд вазъ ва табиати тағйирёбии муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад. Бо тағйир ёфтани моҳияти муносибатҳои иҷтимоӣ мазмуни ахлоқӣ-меъёрии фаъолияти сиёсӣ дигаргун мегардад. Инро мо метавонем дар ҳодисаҳо ва падидаҳои ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистони муосир, бахусус дар даврaи пасошӯравии рушди он, замоне ки тағйиротҳои дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ба амал омада, ба тағйирёбии мазмуни танзими ахлоқии фаъолияти сиёсӣ оварда буд, мушоҳида намоем.

Иддае аз муҳаққиқон дар Тоҷикистон иқдоми аввалиндараҷа дар роҳи ҳалли ин мушкилотҳоро дар зарурати рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебинанд: «Чӣ тавре маълум аст, яке аз вазифаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ расидан ба ҳимояи комили манфиатҳои қисми бештари

аҳолӣ бо роҳи ба вуҷуд овардани шароитҳои мусоид барои худифодасозии аъзои ҷомеа, мустаҳкам намудани пойгоҳи иҷтимоии манфиатҳои умумии ҷомеа ва васеъ намудани имкониятҳои табақаҳои миёнаи аҳолӣ мебошад. Дар ҷомеаҳои анъанавӣ, аз ҷумла, ҷомеаи тоҷикистонӣ, ин нақшро дар аксар маврид намояндагони зиёиён ба дӯш доштанд, зеро мақоми назарраси иҷтимоии онҳо имкон медод садои худро бо мақсади ҳимояи манфиатҳои умумӣ баланд намоянд. Ин садо дар солҳои аввали рушди соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ, дар давраи бунёди асосҳо ва меъёрҳои нави иҷтимоӣ гузошта мешуданд, баланд буд» [19].

Дар маҷмуъ, омӯзиши таҷрибаи гузашта маънои онро надорад, ки аз лиҳози ахлоқӣ гузаштаро маҳкум намоем, балки сабабҳои онҳоро пайдо намуда, имрӯз онҳоро саривақтӣ пешгирӣ намоем. Бидуни ин амал беҳтарсозии ҳолати имрӯзаи ҳаёти ҷамъиятӣ бо мақсади пайдо кардани тавозуни усулҳои ахлоқӣ дар раванди ҳамкории мутақобилаи сиёсии ниҳодҳои он ғайриимкон мебошад.

Зербоби сеюми боби чоруми рисола **«Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ташаккули ҷанбаҳои ахлоқии ҳаёти сиёсии ҷомеа»** номида шудааст. «Глобализатсия ин раванди наздикшавӣ ва афзоиши баҳамалоқаманди миллатҳо ва давлатҳои ҷаҳонӣ мебошад, ки барои худ қолабҳои умумии сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва арзиширо коркард менамоянд» [97, с.2]. Раванди ҷаҳонишавӣ дар идораи ҷаҳон ба фишангҳое такя менамояд, ки ҳам баҳамвобастагӣ ва ҳам назорат аз болои давлатҳои ҷаҳониро пурзӯр менамояд. Аз ин хотир, агар раванди ҷаҳонишавӣ ба як зумра давлатҳои ҷаҳонӣ таъсири мусбат расонида, нафъи мусбати он ба давлатҳои мухталифи ҷаҳон расад, аз дигар тараф, таъсири манфии он низ кам набуда, мақоми давлатҳоро дар соҳаҳои мухталифи ҷамъиятӣ маҳдуд мекунад. Гузашта аз ин, дахолати

раванди ҷаҳонишавӣ дар баъзе соҳаҳо то он дараҷае бузург мегардад, ки масъалаи мавҷудияти давлат ё ҳифзи истиқлолияти давлатии он ба миён гузошта мешавад. Аз ин рӯ, дуруст қайд карда мешавад: «Раванди глобализатсия дар худ таъсироти ҳам мусбат ва ҳам манфиро соҳиб буда, ба ҳар давлат дар шакли ба худ хос таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, вобастагии давлат аз равандҳои олами муосир, рушди иқтисодиёти он, сатҳи фарҳангии аҳолии он, маданияти сиёсӣ дар давлат, ба кадом блокҳо дохил будани давлат, дар кадом минтақа ҷойгир будани он ва ғайра аҳаммияти бузург дорад» [87, с.143]. Ҷаҳонишавӣ ин худ бор намудани усулҳои мухталифи тарзи идоракунӣ, урфу одат, фарҳанг ва қолабҳои ҷомеаҳои ғарбӣ баҳри идоракунии дигар ҷомеаю давлатҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Омили таъсиррасон ба ин раванд шароити хосси ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа ба шумор меравад. Дар баъзе шароитҳои марҳалавӣ, талоши соҳибгардӣ ба ҳокимият ба он оварда мерасонад, ки ягон навъи арзишҳои ахлоқӣ фаъол мегарданд ва дар фаъолиятҳои сиёсӣ ба мақоми дигар арзишҳои ахлоқӣ зарба мезанад. Ин ҳолат, хусусан, дар марҳалаҳои гузариш хеле шиддат меёбад ва меъёрҳои иҷтимоии арзёбии амалҳои сиёсӣ тағйир меёбанд. Чунин марҳалаи тақдирсозро ҷомеаи Тоҷикистон пас аз фурӯпошии низоми шӯравӣ аз сар гузаронид ва бисёре аз арзишҳои ахлоқии қаблан амалкунанда ҷойи худро ба арзишҳои дигари ахлоқӣ иваз намуданд.

Яке аз ҷанбаҳои асосии ин таъсир, ворид гардидани арзишҳои гуногуни фарҳангӣ ба сиёсати миллӣ мебошад, ки метавонад фарогирӣ ва мултикултурализмро ташвиқ намояд. Як зумра давлатҳои ҷаҳонӣ сиёсати бисёрфарҳангиро пеша намудаанд, ки барои мутобиқшавии аҳолии мухталиф ба ҷаҳони нав осон гардад ва дар давлати нав назорати онҳо мушкилсоз

нагардад.

Ҳамин тавр, раванди ҷаҳонишавӣ ба омезишёбии идеяҳо, арзишҳо ва равобитҳои фарҳангӣ дар саҳнаи байналмилал мусоидат намуда, наздикшавии фарҳангҳо ва баҳамвобастагии гӯшаю канораҳои мухталифи оламро таъмин мекунад. Ин густариши фарҳангӣ афкори ҷомеаҳоро бо роҳи ташвиқи фаҳмиши байнифарҳангӣ, навоварӣ ва эҷодкорӣ ғанӣ намудааст.

Боби панҷуми рисола **«Роҳҳои беҳтар намудани таъсири арзишҳои ахлоқӣ ба муносибатҳои сиёсӣ»** ном дошта, дар он нақши ҳизбҳои сиёсӣ, мавқеи арзишҳои ахлоқӣ дар амалҳои сиёсӣ ва шуури ахлоқию таъсири он ба ҷомеаи муосир баррасӣ гаштааст.

Зербоби аввали боби панҷуми рисола **«Ҷанбаҳои муҳимми зиддиятҳо аз дидгоҳҳои ҳизбҳои сиёсии муосир ва ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар мафкураи онҳо»** номида шудааст. Фаъолиятҳои сиёсии бо усулҳои ақлонӣ ташаккулёфта ва идорашаванда одатан дар фаъолияти ҳизбҳо мушоҳида мешавад, бинобар ин ҳизбҳои сиёсӣ пайваста кӯшиш менамоянд, ки усул ва меъёрҳои дар ҷомеа роиҷро мақсаднок дар самти боло бурдани нақши арзишҳои ахлоқӣ дар фаъолиятҳои ҳизбӣ истифода баранд. Ҳарчанд ин падидаи нав дар фаъолияти ҳизбҳо нест, вале дар давраи муосир нақш ва мубрамияти он хеле боло рафтааст. Ҷойи баҳс нест, ки арзишҳои ахлоқиро бо ҳадафҳои сиёсӣ идеологияҳои сиёсӣ васеъ истифода бурда, аксарияти усул ва меъёрҳои ахлоқиро идеологияҳои классикӣ тӯли таърихи рушди башарият тавонистанд бо ҳадафҳои сиёсии худ наздик созанд ва дар зеҳни ҷонибдоронашон ҷой диҳанд.

Исботи ин хулосаро зимни таҳлили муҳтавои асосҳои фалсафии ташаккулёбии чанд идеологияҳои классикӣ, ба монанди консерватившизм, либерализм, сотсиализм, фундаментализм ва ғайра дар рисола метавон мушоҳида

намуд. Аз ҷумла, боризу равшан ва тасдиққунанда ин зуҳуротро метавон дар асосҳои фалсафии мафкураи муҳофизакорон (консерваторон) мушоҳида намуд ва дар ин замина сабаби афзоиши ҷолибияти онро дар ҷомеаи муосир дарк кард. Зеро, пас аз заиф гардидани мавқеи тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи муосир таъсиру нуфузи мафкураи муҳофизакорон дар гӯшаҳои гуногуни олам, маҳз ба хотири эҳтиром ба арзишҳои ахлоқӣ дар фаъолиятҳои сиёсӣ меафзояд. Мафкураи муҳофизакорон ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқиро дар низоми ҳадафҳои сиёсӣ талош менамояд қабл аз ҳама бо усули машруияти ҳокимият, ки аз иродаи мардум бармеояд, алоқаманд созад.

Номувофиқати байни ҳизбҳои мухталиф, дар ҷомеаҳои ғарбӣ ба «ҷанги фарҳангӣ» меорад: «Мо нишонаҳои оғози «ҷанги фарҳангҳо»-ро мушоҳида мекунем. Ин истилоҳ одатан дар ҳолате истифода мешавад, ки баҳс оид ба масъалаҳои фарҳангӣ ҷомеаро ба ду гурӯҳи мухолиф ҷудо мекунад. Ин гуна низоъҳо бештар ба масъалаҳои ахлоқ, дин, сиёсат, маориф ва дигар ҷанбаҳои зиндагии фарҳангӣ дахл доранд» [114].

Дар робита бо таҳлилҳои зикрёфта бояд таъкид кард, ки ҳизбу ҳаракатҳои дар Тоҷикистони муосир амалкунанда вобаста ба мақсадҳои фаъолияташон ва ҷалбу муттаҳид намудани оммаи васеи мардум дар атрофи ин ҳадафҳо, ниёз ба пуштибонӣ аз арзишҳои муайяни ахлоқӣ низ доранд ва талош меварзанд инро нишон диҳанд. Мусаллам аст, ки ин арзишҳо дар барномаю ҳуҷҷатҳои муҳимми ҳизбҳо инъикос меёбад ва онҳо бо такя аз ин арзишҳо, фаъолияти худро пеш мебаранд. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар ҳизбу ҳаракатҳои дар Тоҷикистон амалкунанда чанд сол қабл Кодекси ахлоқи аъзои ҳизбро қабул намуд, ки назираш дар амалияи

ҳизбшиносӣ-партология кам аст.

Зербоби дуюми боби панҷуми рисола **«Тағйири дидгоҳ ва мавқеъгириҳои кишварҳо нисбат ба баҳодиҳии ахлоқии амалҳои сиёсии ҳамдигар дар замони муосир»** номгузорӣ шуда, дар он нақши омилҳои маҳдудкунанда ва мусоидаткунандаи ҷанбаҳои ахлоқӣ дар давлатҳо таҳлил карда шудааст. Бо назардошти он ки ахлоқу одоб категорияҳое мебошанд, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонро фаро гирифта, заминаи ноаён, вале устувори мавҷудияти ҳар ҷомеаро ташкил медиҳанд, бинобар ин усулҳои қавии ахлоқӣ дар замони таҳаввулоти бесобиқаи иҷтимоию сиёсӣ бештар дарак медиҳанд. Зеро, ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа баҳри таъмини рушд ҳамеша ба устувории нисбӣ зарурат дорад. Барои ин низоми идоракунии ҷорӣ пайваста ба истифодаи ахлоқу одоб ҳамчун шеваи асосии танзими рафтори мардум такя мекунад.

Дарки ин талабот, бахусус, дар солҳои охир ба маротиб афзудааст, зеро башарият бо мушоҳида аз несту нобудсозии одамону дороиҳои давлатҳо ба хулоса омадааст, ки меъёрҳои ахлоқӣ набояд дар таҳти идораи доираҳои манфиатдор аз ин бенизомиҳо қарор дошта бошад. Аз ин ҷиҳат, бояд кирдорҳои зиддибашарии доираҳои манфиатҷӯй, ки мақсади онҳо несту нобудсозии одамону дороиҳои давлатҳои рушдёбанда мебошад, мавриди маҳкум қарор гирифта, низомҳои сиёсиро маҷбур ба риояи меъёрҳои ахлоқӣ дар рафтори сиёсӣ созанд.

Таҳти таъсири таҳаввулот ин доираҳое, ки барои мақсадҳои геополитикӣ дар рафтори сиёсӣ ахлоқро нодида мегирифтанд, акнун аз дастгирии омма дар раванди интихобот маҳрум мешаванд.

Дар низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро дар асоси Конститутсия ва дигар қонунҳои мавҷуда кафолат дода шуда, дар ин самт ягон маҳдудият эҷод намегардад ва барои дурнамои

рушди давлат мусоидат мекунад.

